# СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ХАЗИНА БАРОИ СОЛҲОИ 2024-2029



**ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**www.idif.tj**

## Нишондиҳандаҳои асосии Хазина дар солҳои 2017- 2022
## (ба ҳолати 31.12.2022; тағйирёбӣ нисбат ба соли 2016)

**30** адад
(- 21 адад)
**Ташкилотҳои қарзӣ узви Хазина**

**4 570** млн. сомонӣ
(+7,5%)
**Пасандозҳои суғурташуда**

**18** ҳолат
(+17 ҳолат)
**Ҳолатҳои суғуртавӣ**

**211,1** млн. сомонӣ
(+209,9 млн. сомонӣ)
ба **15,3** ҳаз. нафар
(+168,5 маротиба)
**Ҷубронпулӣ пардохт шуд**

**1 206** ҳаз. нафар
(+24,8%)
**Пасандоздорони суғурташуда**

**98,0**%
(+1,6 б.ф.)
**Ҳиссаи пасандоздорони маблағашон пурра суғурташуда**

**32 000** сом.
бо пули миллӣ (+2,3 мар.)
**22 400** сом.
бо асъори хориҷӣ (+1,6 мар.)
**Андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо**

**2 011** млн. сомонӣ
(+2,4 маротиба)
**Ухдадории суғуртавии Хазина**

**2,0**%
(-1,7 б.ф.)
**Дороиҳо / андозаи ниҳоии маблағи Хазина**

**158,9** млн. сомонӣ
(-38,7%)
**Дороиҳои Хазина**

Бо Қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
№21 аз "28" ноябри с.2023
тасдиқ шудааст

# СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2024-2029

**Душанбе – 2023**

# МУНДАРИЧА

ИХТИСОРАҲО ....................................................................................3

МУҚАДДИМА ....................................................................................4

1. ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО ....................................................................................6

2. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ХАЗИНА БАРОИ СОЛҲОИ 2017 - 2022 ..............................9

3. СТРАТЕГИЯИ САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ ХАЗИНА БАРОИ СОЛҲОИ 2024 – 2029 ..........................................33

4. ХАВФҲОИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ ..............................................67

5. МАТРИТСАИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ ВА НАЗОРАТИ ИҶРОИ ОН .........................................................69

ЗАМИМА: Нишондиҳандаҳои асосии низоми суғуртаи пасандозҳо дар солҳои 2016 -2022 ......................................78

# ИХТИСОРАҲО

**АБСП (IADI) –** Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**БМТ –** Бонки миллии Тоҷикистон

**БОР –** Бонки Осиёгии Рушд

**Вазорати молия -** Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМА, Кумитаи АБСП (IADI) –** Кумитаи минтақавии Авруосиёи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**Қонун –** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо"

**ММД –** Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ

**Ташкилоти қарзии узви Хазина -** Ташкилотҳои қарзии аъзои низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

**ТАҚХ –** Ташкилоти амонатии қарзии хурд

**Хазина –** Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

**ХБА –** Хазинаи байналмилалии асъор

**Шӯрои нозирон -** Шӯрои нозирони Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

**ҶСК –** Ҷамъияти саҳомии кушода

**ҶТ –** Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

Стратегияи рушди Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон барои солҳои 2024-2029 (минбаъд – Стратегия) дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" ва тадбирҳои "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" таҳия гардида, самтҳои афзалиятнок ва ҳадафҳои асосии рушди фаъолияти минбаъдаи Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистонро (минбаъд – Хазина) муайян менамояд.

Стратегияи мазкур идомаи мантиқии ҳуҷҷатҳои қаблии соҳавӣ барои давраи миёнамуҳлат буда, он ислоҳотҳои назаррасро ҷиҳати таъмини раванди минбаъдаи татбиқи самараноки вазифаҳо баҳри ноил гардидан ба мақсадҳои дар назди Хазина вогузоршуда ва тавсеа додани фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо пешбинӣ менамояд.

Дар Стратегия диққати асосӣ ба масъалаҳои баланд бардоштани нуфузу эътимоднокии Хазина ва рушди институтсионалии он дар самтҳои тақвияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва омодагӣ ба ҳолатҳои суғуртавӣ, такмили қонунгузорӣ, таъмини устувории молиявӣ, самаранокии амалиётӣ, идоракунии босамари корпоративӣ, назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, ҷорӣ намудани низому равандҳои нави пешбурди фаъолият бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ, рушди захираҳои инсонӣ, таъмини сатҳи баланди шаффофият ва беҳгардонии корҳои таблиғотию ташвиқотӣ, инчунин ривоҷ додани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва ниҳоду идораҳои дахлдор бо дарназардошти дар давраи дарозмуҳлат мусоидат намудан ба таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ, равона шудааст.

Боиси тазаккур аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ пайваста таъмини рушди устувори низоми бонкӣ, зарурати зиёд намудани ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ, ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби бештари мизоҷонро муҳим иброз менамоянд.

Дар давраи татбиқи Стратегияи рушди Хазина барои солҳои 2017-2022 рафъи хавфҳои афзуда дар низоми бонкӣ вобаста ба таъсири омилҳои бухронӣ дар мадди аввали фаъолияти Хазина буд. Оқибатҳои бухрони молиявию-иқтисодии соли 2014 дар минтақа ва ҷаҳон ба вазъи

иқтисодию молиявии кишвари мо таъсири манфӣ расонида, бар асари он низоми бонкӣ бо мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ шуд. Илова бар ин, хавфҳои зиёди дар худи низом мавҷуда мушкилиҳои молиявиро дучанд гардонида, билохир боиси бадшавии сифати дороиҳо ва нишондиҳандаҳои асосии устувории низоми бонкӣ гардид.

Дар панҷ соли охир дар низоми суғуртаи пасандозҳо 29 ташкилоти қарзӣ мавриди барҳамдиҳӣ қарор гирифт, ки дар 18 ташкилоти қарзӣ ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ омад. Хазина баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон қисми зиёди маблағҳои худро барои иҷрои уҳдадориҳои суғуртавӣ равона карда, пардохти ҷубронпулии суғуртаро саривақт ва ба пуррагӣ таъмин намуд, ки ин барои нигоҳдории суботи молиявии низоми бонкӣ саҳми бевоситаи худро гузошт.

Баҳри бартараф намудани хавфҳои низом ва нигоҳдории суботи низоми молиявӣ, аз ҷониби ниҳоди танзимгари низоми бонкӣ тадбирҳои зиддибуҳронӣ ва ислоҳоти ба баланд бардоштани сифат ва устувории молиявии низоми бонкӣ нигаронидашуда, амалӣ гардид.

Дар ин раванд, ҷиҳати такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” низ вазифаҳои Хазинаро дар самти коҳишдиҳии хавфҳо дар низом, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, дастгирии ташкилотҳои қарзӣ ва иштирок дар раванди батанзимдарории ташкилоти қарзӣ, мушаххас гардонид.

Бояд қайд намуд, ки дар соли 2023 ислоҳоти калидӣ, ки ба рушди фаъолияти низоми молиявии кишвар равона гардидааст, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” (аз 15 марти соли 2023, №1961) ва мавриди амал қарор гирифтани он буд.

Лоиҳаи Қонуни мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазина бо пешниҳоду тавсияҳои мутахассисони байналмилалӣ дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ ва матритсаи чораҳои сиёсии «Барномаи таҳкими бахши молиявӣ ва идоракунии фискалӣ»-и Бонки осиёии рушд таҳия гардид.

Тағйиру иловаҳо ба Қонун бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, тавсеа додани фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳо, васеъ намудани миқёси фарогирии суғуртавии пасандоздорон, таҳкими устувории молиявии Хазина ва зиёд намудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар равона гардидаанд.

Мутобиқи тағйиру иловаҳои мазкур доираи объектҳои ҳатмии суғурта васеъ шуда, минбаъд дар қатори пасандозҳои шахсони воқеӣ, инчунин суратҳисобҳои амонатию пасандозии соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо суғуртакунӣ фаро гирифта мешаванд. Бинобар ин, номи қонуни амалкунанда дар таҳрири нав — «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» муайян карда шуда, Хазина низ ҳамчун «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон» номгузорӣ карда шуд.

Илова бар ин, андозаи ҷубронпулӣ барои амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ зиёд карда шуда, он новобаста аз намуди асъор дар як андозаи муайян - на бештар аз 35 000 сомонӣ муқаррар карда шуд.

Бо қабули Қонуни мазкур фаъолияти Хазина ҷанбаҳои хуби таҷрибаи байналмилалиро фаро гирифта, дастгирии молиявии пасандоздорон ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилотҳои қарзӣ бо афзудани ҷуброни суғурта беҳтар ва самарабахш гардида, ҷиҳати баланд гардидани боварӣ ва афзоиши амонату пасандозҳо дар низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ, дар баробари дигар омилҳо, тадбирҳои болозикр ба мунтазам кам шудани хавфҳои низом, беҳтар гардидани устувории молиявӣ ва барқарорёбии тамоюли афзоиши нишондиҳандаҳои асосии он, аз он ҷумла ҷалби пасандозҳои аҳолӣ, бахусус бо пули миллӣ, ки дар навбати худ аз раванди барқарорёбии нисбии эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ далолат медиҳад, мусоидат намуда истодаанд.

Стратегияи мазкур дар асоси таҳлилҳои вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва рушди низоми бонкии кишвар тарҳрезӣ гардида, самтҳои афзалиятноки фаъолияти Хазинаро барои давраи солҳои 2024-2029 муайян менамояд. Стратегия аз панҷ қисматҳои асосӣ иборат буда, дар матритсаи он нақшаи татбиқи чорабиниҳо ва назорати иҷрои он баҳри ноил гардидан ба ҳадафҳои пешбинишуда, дарҷ гардидааст.

# 1. ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО

Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо аз механизмҳое мебошад, ки зарурат ва эътимоднокии худро дар ҷаҳон собит намудааст. Низоми мазкур пасандоздоронро аз хавфи талафи пасандозҳои суғурташуда тавассути пардохти ҷубронпулӣ дар сурати дучор шудани ташкилоти қарзӣ бо мушкилии қобилияти пардохтпазирӣ ва барҳамхӯрӣ муҳофизат мекунад. Низоми суғуртаи пасандозҳо дар якҷоягӣ бо механизмҳои танзиму назорати пруденсиалӣ, дастгирии пардохтпазирӣ (қарздеҳи сатҳи охирин[1]) ва батанзимдарории ташкилотҳои қарзӣ, низоми нигоҳдории суботи молияviро[2] ташкил медиҳад.




Низоми суғуртаи пасандозҳо ҳамчун ҷузъи муҳими низоми нигоҳдории суботи молиявӣ дар зиёда аз 140 кишвари ҷаҳон амал мекунад. Дар баробари ин, яке аз ҳадафҳои асосии он коҳиш додани хатари ваҳму таҳлука миёни омма ва пешгирии ба тарви занҷирӣ гузаштани мушкилот аз як ташкилоти қарзӣ ба дигар ташкилотҳо ҳангоми дар он ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ба ҳисоб меравад. Умуман,

[1] *Ба истилоҳи байналмилалӣ: "Lender of last resort"*
[2] *Ба истилоҳи байналмилалӣ: "Financial safety net"*

устувории низоми суғуртаи пасандозҳо боварии пасандоздоронро ба низоми бонкӣ таҳким дода, ба ин васила ба афзоиши ҳаҷми пасандозҳои низоми бонкӣ мусоидат мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми суғуртаи амонату пасандозҳо бо таъсиси Хазина дар соли 2004 ва ҷорӣ намудани қонунгузории он фаъолияти худро шурӯъ намуд. Хазина ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ бо мақсади ҳифзи пасандоздорон аз хавфи талафи пасандозҳои суғурташуда ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ таъсис дода шуда, фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” аз 2 августи соли 2011, №758[3] (минбаъд – Қонун) амалӣ менамояд.

Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо аз иштирокчиёни зерин иборат аст: Хазина, ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина ва пасандоздорон. Хазина ҳамчун ниҳоди пешбаранда ва танзимкунандаи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар низоми молиявии кишвар нақши хосаро иҷро менамояд. Он ба сифати яке аз иштирокчиёни муҳими низоми нигоҳдории суботи молиявӣ арзёбӣ гардида, дар доираи ваколатҳои худ сиёсати давлатиро дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон амалӣ менамояд.

Фаъолияти Хазина ба таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, ки он дар навбати худ ба афзоиши ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина мусоидат менамояд. Бахри ноил гардидан ба мақсадҳои худ Хазина маҷмӯи вазифаҳои тибқи Қонун пешбинишударо амалӣ менамояд.

Мақоми олии идоракунии Хазина, ки барои назорати умумии фаъолияти он масъул аст Шӯрои нозирони Хазина мебошад, ки ҳайати он аз панҷ нафар аъзои доимӣ, аз ҷумла раиси Бонки миллии Тоҷикистон (Раиси Шӯрои нозирон), муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва раиси Хазина иборат аст.

[3] *Бо тағйиру иловаҳо аз: 23.11.2015, №1252;аз 03.08.2018, №1551; аз 24.12.2022, №1943; ва аз 15.03.2023, №1961.*

## МАҚСАД, ВАКОЛАТ, БИНИШ ВА АРЗИШҲОИ ХАЗИНА

***Мақсади Хазина*** – ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, таъмини фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ ва таҳкими эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

***Ваколати Хазина*** – суғуртаи амонату пасандозҳои пасандоздорон, танзими низоми суғуртаи пасандозҳо ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ, иштирок дар раванди батанзимдарории ташкилоти қарзӣ[4].

***Биниши Хазина*** – ҳамчун як ташкилоти муваффақ, муассир ва пешсафи суғуртакунандаи пасандозҳо шинохта шудан ва самаранок амалӣ намудани вазифаҳои вогузоршуда бо дарназардошти дастовардҳои беҳтарини таҷрибаи ҷаҳонӣ.

***Арзишҳои Хазина*** – дар раванди фаъолият принсипҳои поквиҷдонӣ, касбият, шаффофият, масъулияти молиявӣ, ҳамкорӣ ва фарогириро пеша гирифтан.

Мутобиқи Қонун ҳар як ташкилоти қарзӣ, ки дорои иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои ҷалби амонату пасандозҳо аст, узви низоми суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо буда, бонкҳо[5] ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) иштирокчиёни низоми мазкур мебошанд.

Суғуртаи амонату пасандозҳо барои пасандоздорон ройгон буда, ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ маблағи пасандозҳои суғурташуда дар доираи андозаи тибқи Қонун муайяншуда ҷуброн карда мешавад.

[4] *Ба истилоҳи байналмилалӣ: "Pay-box plus mandate"*

[5] *Ба истиснои бонкҳои исломӣ ва бонкҳое, ки муассисашон давлат аст.*

## 2. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ХАЗИНА БАРОИ СОЛҲОИ 2017-2022

Афзалиятҳои асосии Стратегияи рушди Хазина барои давраи 2017-2022 сол ба таъмини самаранокии фаъолияти Хазина ва низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ равона гардида буд. Аз ҷумла, дар он самтҳои асосии зерин муайян карда шуда буданд:

- такмили раванди пардохти ҷубронпулии суғурта, такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ;
- таъмини устувории молиявии Хазина;
- беҳтар намудани ҳамкорӣ бо шарикони асосӣ, рушди муносибатҳои байналмилалӣ;
- таблиғоту ташвиқоти моҳияти суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ба аҳли ҷомеа;
- такмили ихтисосу дониши кормандони Хазина.

Дар ин боб шарҳи дастовардҳо ва пешрафти Хазина дар муқоиса бо нишондодҳои соли 2016 пешниҳод карда мешавад. Дар маҷмӯъ, дар шароити пайомадҳои таъсири буҳрони молиявии солҳои 2014-2015 Хазина тавонист вазифаҳои худро муваффақона иҷро намояд ва ба мақсадҳои асосии муайяншудаи стратегия ноил гардад.

### §1. Такмили раванди пардохти ҷубронпулии суғурта

Дар давраи амалӣ гаштани Стратегияи 2017-2022 таъсири омилҳои буҳронии макро-молиявии солҳои 2015-17, ба монанди коҳишёбии фаъолнокии иқтисодӣ, сатҳи талабот ва беқурбшавии пули миллӣ сабабгори авҷ гирифтани мушкилиҳои молиявӣ дар низоми бонкӣ, бадшавии назарраси сатҳу сифати дороиҳо ва нишондиҳандаҳои асосии устуворнокӣ гардид. Таҳлилҳо нишон медиҳанд[6], ки осебпазирии мавҷудаи низоми бонкӣ бинобар хавфҳои зиёди дар худи низом ҷамъшуда, бахусус хавфҳои қарзӣ (*таҷрибаи носолими қарздиҳӣ*), асъорӣ (*сатҳи баланди долларизатсияи дороӣ ва уҳдадорӣ*), амалиётӣ ва хавфи таҷаммуъ (*идоракунии сусти корпоративӣ*) ба муқовиматпазирии низом алайҳи таъсироти буҳронӣ номусоид буд.

[6] Ниг. ба*: World Bank and International Monetary Fund (2015). Financial Sector Assessment: Republic of Tajikistan. World Bank, Washington, DC.*

Омилҳои мазкур бо назардошти сиёсати пешгирифтаи танзимгари низоми бонкӣ - сиёсати гузариш аз миқдор ба сифат, дар натиҷа сабаби муфлисшавии теъдоди назарраси ташкилотҳои қарзӣ, бозхонди иҷозатнома ва фаророасии ҳолатҳои зиёди суғуртавӣ гардид. Дар солҳои 2017-2021 дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ 29 ташкилоти қарзӣ мавриди барҳамдиҳӣ қарор гирифт, ки аз он дар 17 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла дар ду бонки собиқ низомсози мушкилотдор (ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк") бинобар барҳамдиҳии маҷбурӣ ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ омад (дар таҷрибаи Хазина то соли 2017 танҳо як ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ омада буд).

Фаъолияти Хазина дар шароити буҳронӣ бахри нигоҳдории суботи молиявии низоми бонкӣ равона гардида, аз ҷониби Хазина бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда чораҳои самарабахш андешида шуд. Аз ҷумла, вобаста ба фаророасии ҳолатҳои суғуртавӣ дар солҳои 2017-2022 Хазина пардохти ҷубронпулиро ба 15,2 ҳазор пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда ба маблағи умумии 209,9 млн. сомонӣ саривақт ва ба пуррагӣ таъмин намуда, бо ин роҳ мақсадҳои сиёсати давлатӣ дар самти таъмини суботи молиявӣ ва кам намудани шиддати иҷтимоиро байни пасандоздорони бонкҳои муфлисшуда амалӣ намуд.

**Ҳолатҳои суғуртавӣ ва пардохти ҷубронпулии суғурта**



Ҷиҳати коҳиш додани осебпазириҳои мавҷудаи низоми бонкӣ ва баркарорёбии устувории молиявии он, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо дастгирии ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ тибқи таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ маҷмӯи чорабиниҳо дар самти такмили қонунгузории бонкӣ, таҳкими механизми танзиму назорати ташкилотҳои қарзӣ, ҷорӣ ва татбиқ намудани сиёсати макропруденсиалӣ, коҳиш додани хавфҳо ва беҳгардонии идоракунии дороиҳо ва ухдадориҳо, идоракунии корпоративӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти бонкӣ, инчунин ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ андешида шуд.

Дар маҷмуъ зикр намудан ҷоиз аст, ки фаъолияти низоми бонкии кишвар нисбатан муътадил гардида, он аз лиҳози сармоякунонӣ ва пардохтпазирӣ ба қадри кофӣ устувор гардид. Ба ҳолати 31.12.2022 сол меъёри кифоятии сармояи низоми бонкӣ 25,3 фоиз (талаботи меъёрӣ - 12,0 фоиз)-ро ташкил дод. Дороиҳои пардохтпазир бошанд 43,4 фоизи дороиҳои умумии низоми бонкиро ташкил дод, ки ин 94,9 фоизи ухдадориҳои кӯтоҳмуддатро (талаботи меъёрӣ - 30,0 фоиз) руйпӯш менамоянд.

Яке аз нишондиҳандаҳои дигари устувории низоми бонкӣ - вазъи сандуқи қарзӣ ва сатҳи қарзҳои ғайрифаъол мебошад. Дар ин ҷода, қарзҳои ғайрифаъоли низоми бонкӣ ба таври назаррас коҳиш ёфта, дар сандуқи қарзӣ ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол тибқи таснифи Бонки миллии Тоҷикиситон 12,0 фоизро ташкил дод, ки дар соли 2016 ин нишондиҳанда то ба 48,0 фоиз расида буд.

Сатҳи долларикунонии низоми бонкӣ, ки ҳассосияти тавозуни ташкилотҳои қарзиро ба хавфҳои асъорӣ нишон медиҳад, низ ба сатҳи назаррас коҳиш ёфт. Аз ҷумла, дар интиҳои соли 2022 ҳиссаи асъори хориҷӣ дар бақияи қарзҳои додашуда 28,4 фоиз (61,6 фоиз дар соли 2016) ва дар бақияи пасандозҳои ҷалбшуда 44,3 фоизро (62,4 фоиз дар соли 2016) ташкил дод.

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир афзоиши мусбии ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ дар низоми бонкӣ мушоҳида мегардад. Бақияи умумии

пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ дар интиҳои соли 2022 ба 15,5 млрд. сомонӣ расид, ки ин нисбат ба интиҳои соли 2016-ум 68,5 фоиз зиёд мебошад. Дар сохтори он ҳаҷми пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ 7,4 млрд. сомонӣ (3,7 млрд. сомонӣ дар соли 2016) ва пасандозҳои шахсони воқеӣ 8,1 млрд. сомониро (5,6 млрд. сомонӣ дар соли 2016) ташкил дод.

Ҳамзамон, ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина[7], ки аз ҷониби Хазина суғурта мешаванд, 4,6 млрд. сомониро ташкил дод. Шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ба 1 206,2 ҳазор нафар расид. Аз он, шумораи зиёди пасандоздорон (98,0 фоиз) дар доираи андозаи ҷубронпулӣ аз ҷониби Хазина пурра суғурта карда шудаанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда шудаанд.

Вобаста ба афзоиши ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ ва андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо[8], ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи пасандозҳои суғурташуда низ зиёд гардида, ба ҳолати интиҳои соли 2022 2,0 млрд. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 2016-ум 2,4 маротиба зиёд мебошад.







---

*[7] Ба ҳолати 31.12.2022с. дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ 30 ташкилоти қарзӣ шомил мебошад, ки аз онҳо 12 адад бонк ва 18 адад ТАҚХ мебошад.*
*[8] Аз соли 2016 то инҷониб андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 1,6 маротиба зиёд шудааст.*

**Шумораи пасандоздорони суғурташуда, ҳаз. нафар**




**Ҳиссаи пасандоздорони пурра суғурташуда, ҳаз. нафар**




Вазифаи асосии фаъолияти Хазина, ки барои расидан ба мақсадҳои он равона гардидааст, ин пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашуда мебошад.

Дар ин ҷода, Хазина ҷиҳати такмили раванди пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон, таъмини самаранокӣ, саривақт ва пурра ба анҷом расонидани раванди пардохти ҷубронпулӣ пайваста омодагӣ дида, дар доираи “Нақшаи чорабиниҳо оид ба тартиби амалҳои Хазина ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ”-и таҳияшуда тадбирҳои мушаххас андешид.

Бояд қайд намуд, ки то мавриди амал гирифтани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ на бештар аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ на бештар аз 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян гардида буд. Аз ин рӯ, вобаста ба зиёд гардидани андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, дар соли 2022 андозаи ҷубронпулии суғурта барои пасандозҳо бо пули миллӣ то 32 000 сомонӣ ва барои пасандозҳо бо асъори хориҷӣ то 22 400 сомонӣ афзоиш ёфт, ки ин нисбат ба соли 2016 мувофиқан 2,3 ва 1,6 маротиба зиёд аст.

**Тамоюли афзоиши андозаи ҷубронпулии суғурта, бо ҳаз. сомонӣ**




Дар давраи баррасишаванда аз ҷониби Хазина “Қоидаҳои умумии пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ” таҳия ва қабул гардид, ки он раванди батанзимдарории тартиб ва усулҳои пардохти ҷубронпулӣ, муносибатҳои Хазина бо мудири махсус (барҳамдиҳанда) ва бонк-агент дар ташкили пардохти ҷубронпулии суғуртаро муайян менамояд.

Ҳамзамон, “Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ”, ки барои баҳисобгирии пурраи феҳристи пасандоздорони суғурташуда ва саривақт пардохт намудани маблағи ҷубронпулии суғурта ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ асос мегардад, ба талаботҳои амалиётӣ ҷавобгӯ гардонида шуд.

Ғайр аз ин, лоиҳаҳои санадҳои муҳим, аз қабили “Тартиби ҳамкории Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ бо бонк-агентҳо ҳангоми пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда” ва Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Хазина ва Мудири махсус (барҳамдиҳанда), ки масъалаҳои вобаста ба пардохти ҷубронпулиро дар бар мегиранд, таҳия ва қабул гардиданд.

Дар самти огаҳонии пасандоздорон оид ба раванди пардохти ҷубронпулӣ низ корҳои муайян, аз қабили саривақт ҷойгир кардани

маълумот дар сомонаи Хазина, воситаҳои ахбори умум, шабакаҳои иҷтимоӣ, тавассути ташкили кори маркази тамос (колл-сентр), нашри чопии маводҳои иттилоотӣ, инчунин истифодаи хизматрасонии СМС паёмак, ба сомон расонида шуд.

### §2. Такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

Дар давоми солҳои 2017-2022 ислоҳот дар самти такмили қонунгузории низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ҷиҳати ҷавобгӯ намудани санадҳо ба талаботҳои муосир тибқи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ идома ёфт.

Дар соли 2018 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” тағйиру иловаҳои нав ворид карда шуда, он санаи 9 августи соли 2018 таҳти №1551 мавриди амал қарор гирифт.

Тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур баҳри ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, дастгирии ташкилотҳои қарзӣ дар вазъи буҳрони молиявӣ, васеъ гардидани ваколатҳои Хазина, аз он ҷумла ҳуқуқи иштироки он дар раванди батанзимдарории ташкилоти қарзӣ, муваққатан боздоштани пардохтҳои тақвимии ташкилоти қарзӣ таҳти батанзимдарорӣ қарордошта, мубодилаи маълумот бо ташкилотҳои хориҷии суғуртаи пасандозҳо ва озод намудани Хазина аз пардохти боҷи давлатӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд.

Ҳамзамон, бо мақсади беҳтар намудани пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани сатҳи хавфҳо ва долларикунонии низоми бонкӣ дар Қонун андозаи пардохтҳои тақвимӣ барои пасандозҳои шахсони воқеӣ бо пули миллӣ дар сатҳи 0,1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ дар сатҳи 0,3 фоиз муқаррар карда шуд. Дар баробари ин, андозаи ҷубронпулии суғурта аз рӯи пасандозҳои шахсони воқеӣ бо пули миллӣ аз 350 то 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд карда шуд.

Яке аз мушкилиҳое, ки дар раванди иҷрои вазифаҳои Хазина ҷиҳати пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда ҷой дошт, ин бо номукаммалии муқаррароти алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, аз ҷумла қисми 14 моддаи 22 вобаста буд. Дар

муқаррароти мазкури Қонун омада буд, ки “Шахсе, ки ҳуқуқи пасандоздорро барои пасандозҳо баъди фаро расидани ҳолати суғуртавӣ соҳиб шудааст, ба гирифтани ҷубронпулӣ ҳуқуқ надорад.” Аз мухтавои он бармеояд, ки ба ворис ё намояндаи пасандоздори фавтидаи ташкилоти қарзии барҳамдодашуда, ки ҳуқуқ ба меросро баъди фаро расидани ҳолати суғуртавӣ соҳиб шудааст (яъне, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқ ба меросро баъди фаро расидани ҳолати суғуртавӣ ба расмият даровардааст), ҷубронпулӣ пардохт карда намешавад. Мушкилии мазкур бахусус дар ҳолати бонкҳои муфлисшудаи ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” дучанд айён гардид, ки бинобар муддати дароз аз ҷониби бонкҳои мазкур ба пасандоздорон пардохт нагардидани маблағи пасандоз ва дар ин муддат фавтидани теъдоде аз пасандоздорони онҳо боиси саривақт ба расмият надаровардани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқ ба мерос аз ҷониби меросхӯрони пасандоздорони фавтида гардид.

Бинобар ин, бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон ва меросхӯрони қонунии онҳо, Хазина лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” бо таҳрири нави қисми 14 моддаи 22 Қонуни мазкур, ки ҳуқуқи меросхӯрро ба гирифтани ҷубронпулии суғуртавӣ новобаста аз давраи соҳиб гардидани ҳуқуқ ба мерос пешбинӣ менамояд, таҳия ва дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки билохир лоиҳаи Қонуни мазкур аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 24.12.2022 сол ба имзо расонида шуд.

Дар давраи баррасишаванда дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуда, лоиҳаҳои як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав таҳия ва тасдиқ карда шуданд, ки аз бисёр ҷиҳат ҷанбаҳои амалиётии Хазинаро мустаҳкам намуданд, аз он ҷумла:

1. “Сиёсати сармоягузории Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №11 аз 26.09.2018;

2. “Қоидаҳои умумии пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №12 аз 26.09.2018;

3. “Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №13 аз 26.09.2018;

4. “Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи №1-Х “Маълумот дар бораи пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №14 аз 26.09.2018;

5. “Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи №2-Х “Маълумот оид ба сохтори пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №15 аз 26.09.2018;

6. “Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи №3-Х “Маълумот дар бораи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ҷуброн намешаванд”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №16 аз 26.09.2018;

7. Низомнома “Дар бораи Кумитаи сармоягузории Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №6 аз 22.02.2019;

8. Намунаи “Созишномаи агентӣ байни Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва бонк-агент оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон” (дар таҳрири нав), қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №15 аз 14.08.2019;

9. Намунаи “Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва Мудири махсус (барҳамдиҳанда) вобаста ба масъалаи омодагӣ барои пардохти ҷубронпулии суғурта аз рӯи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №16 аз 14.08.2019;

10. “Методикаи баҳодиҳии андозаи ҳадди ақали кифоятии маблағи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №19 аз 12.12.2019;

11. “Тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ оид ба суғуртаи пасандозҳо”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №20 аз 12.12.2019;

12. “Тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №21 аз 12.12.2019;

13. “Барнома оид ба интишори маълумот барои оммаи васеъ дар бораи нақши низоми суғуртаи пасандозҳо ҷиҳати таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии ҶТ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №5 аз 04.03.2020;

14. Низомнома “Оид ба сиёсати баҳисобгирии муҳосибии Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” (дар таҳрири нав), қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №7 аз 24.07.2020;

15. Дастурамал “Дар бораи сиёсати Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ оид ба бархӯрди манифатҳо”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №8 аз 24.07.2020;

16. “Тартиби аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ пешбурди Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №9 аз 24.07.2020;

17. “Тартиби ҳамкории Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ бо бонк-агентҳо ҳангоми пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №10 аз 24.07.2020;

18. “Тартиби ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №622 аз 26.11.2020;

19. “Кодекси одоби хизматӣ ва этикаи кории кормандони Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №9 аз 19.02.2021;

20. “Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ оид ба ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот”, аз санаи 20.04.2021;

21. Дастурамал “Дар бораи сафарҳои хизматии кормандони Хазинаи суғартаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №7 аз 25.02.2022;

22. Низомнома “Дар бораи музди меҳнат ва пардохтҳои ба он баробари кормандони Хазинаи суғартаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №8 аз 25.02.2022;

23. “Созишномаи қолабӣ байни Вазорати молияи ҶТ ва Хазинаи суғартаи пасандозҳои шахсони воқеӣ оид ба ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, аз 09.03.2022;

24. Тағйиру иловаҳо ба “Қоидаҳои умумии пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №13 аз 26.08.2022;

25. Тағйиру иловаҳо ба “Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ”, қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №14 аз 26.08.2022.

## §3. Таъмини устувории молиявии Хазина

Таъмини устувории молиявии Хазина яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи фаъолияти Хазина ба ҳисоб рафта, он бевосита бо дараҷаи эътимоднокӣ ва боварии ҷомеа ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ алоқамандӣ дорад. Устувории молиявӣ маънои онро дорад, ки имкониятҳои молиявии Хазина ҷиҳати пардохти саривақт ва пурраи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми фарорасии ҳолати суғуртавӣ кофӣ мебошанд.

Баҳри таъмини иҷрои ваколати худ Хазина дорои салоҳияти махсус буда, мувофиқи он пардохти узвият ва мунтазам пардохт намудани пардохтҳои тақвимӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии узви Хазина, ҳатмӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар шароити кунунӣ маблағи (дороиҳои) Хазина асосан аз пардохтҳои ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина, бахусус аз пардохтҳои тақвимӣ ташаккул меёбад.

Ба ҳолати 31 декабри 2022 сол дороиҳои Хазина 158,9 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 2016-ум 38,7 фоиз кам мебошад. Суръати афзоиши миёнасолонаи дороиҳои Хазина дар давраи 2017-2021

нишондиҳандаи манфӣ -3,3 фоиз дошт (барои мисол, дар солҳои 2011-2016 афзоиши мазкур нишондиҳандаи мусбии 74,7 фоиз буд). Ҳамзамон, андозаи ниҳоии маблағи Хазина, ки тибқи Қонун дар сатҳи 7,0 фоизи ҳамаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ муқаррар шудааст, ба таври назаррас коҳиш ёфта 2,0 фоизро ташкил дод.

**Маблағи Хазина ва андозаи ниҳоии он, бо млн. сомонӣ ва бо фоиз**






Сабаби ин тавре зикр гардид, асосан бо таъсири бухрони молиявӣ ва мушкилиҳои дар низоми бонкӣ дар ин давра бавуқуъомада вобастагӣ дошт. Аз ҷумла, бинобар ба вуқуъ омадани якчанд ҳолати суғуртавӣ дар соли 2021, Хазина ҷиҳати иҷрои ҳадафу вазифаҳои қонунии худ дар самти ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои қонунии пасандоздорон аз се ду ҳиссаи маблағҳои худро (атрофи 190 млн. сомонӣ) барои пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда (асосан ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”) равона кард, ки дар натиҷа дороиҳои Хазина ба маротиб коҳиш ёфтанд. Бо вуҷуди ин, дар соли 2022 тамоюли афзоиши муътадили дороиҳои Хазина идома ёфт, ки он нисбат ба соли 2021-ум 18,3 фоизро ташкил дод.

Дар соли 2018 ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” (ҚҶТ аз 3.08.2018, №1551), ки тибқи он ташкилотҳои қарзӣ маблағи пардохтҳои тақвимии худро аз рӯи пасандозҳои асъорӣ бо асъори хориҷӣ ба Хазина пардохт менамоянд, яке аз чораҳои мусбӣ дар самти идоракунии хавфи тағйирёбии қурби асъор ҷиҳати нигоҳдории таносуби дороиҳои Хазина нисбат ба уҳдадориҳои суғуртавии асъории он, дедолларикунонии пасандозҳои низоми бонкӣ ва таъмини устувории молиявии Хазина буд. Ба интиҳои соли 2022 ҳиссаи маблағҳои асъорӣ дар дороиҳои умумии Хазина 34,2 фоизро ташкил дод, ки ин бо ҳиссаи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ бо асъори хориҷӣ (32,5 фоиз) комилан мутаносиб аст.

Яке аз манбаҳои дигари ташаккули дороиҳои Хазина даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, дар давраи 2017-2022 сол Хазина маблағҳои озоди худро дар доираи имкониятҳои мавҷудаи бозори молиявӣ бо назардошти масъалаи идоракунии хавфи падохтпазирӣ сармоягузорӣ кард.

Тибқи Қонун Хазина маблағҳои худро метавонад танҳо ба коғазҳои қиматноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ва коғазҳои қиматноки давлатҳои хориҷӣ ё бонкҳои марказии (миллии) хориҷии бонуфуз сармоягузорӣ кунад. Дар ин ҷода, бо мақсади беҳтар намудани раванди фаъолияти идоракунии дороиҳо дар

Хазина Кумитаи сармоягузории Хазина таъсис дода шуд, ки он тибқи Сиёсати сармоягузорӣ ва Низомномаи худ ҳамчун мақоми доимамалкунандаи машваратӣ вазифаҳои вогузоршударо дар самти идоракунии босамари раванди сармоягузории Хазина иҷро менамояд.

Мутаассифона таҷриба нишон медиҳад, ки аз манбаҳои муайяншудаи сармоягузорӣ Хазина маблағҳои худро танҳо ба Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ карда метавонад. Зеро, иштироки Хазина дар музоядаҳои барориши коғазҳои қиматноки БМТ аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон манъ гардида, набудани дастрасӣ ба дигар манбаҳои эътимодноки сармоягузорӣ ва инкишофи сусти бозори сармояи дохилӣ имкониятҳои сармоягузории маблағҳои Хазинаро маҳдуд менамоянд.

Векселҳои давлатии хазинадорӣ аз ҷониби Вазорати молия бо меъёри то андозае паст ва бо арзёбии ҳақиқӣ манфӣ 0,99 фоизи солона бароварда мешаванд. Аммо, бо назардошти сарчашмаи ягонаи сармоягузорӣ будан, Хазина дар музоядаҳои он бо меъёри мазкур иштирок намуда, дар тӯли солҳои 2017-2022 даромади Хазина 6,1 млн. сомонӣ ё ба ҳисоби миёнасолона ҳамагӣ 1,0 млн. сомониро ташкил дод.

Ҳолати мазкур нишон медиҳад, ки ташаккулёбии маблағи Хазина аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ (гарчанде ин бинобар сабабҳои объективӣ ҳам бошад) начандон кофӣ арзёбӣ гардида, ғайриқаноатбахш боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, Хазинаро минбаъд мебояд роҳҳои зиёд намудани самаранокии сармоягузорӣ дарёфт намуда, дар ин самт бо шарикони асосӣ (БМТ, Вазорати молия) ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҳамкориҳоро вусъат бахшад.

Бояд қайд кард, ки тибқи муқаррароти Принсипҳои асосии Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо (АБСП, IADI)[9] «*Ташкилоти суғуртакунандаи пасандозҳо бояд маблағҳои зуд дастрасшаванда ва тамоми механизмҳои маблағгузорӣ, ки барои пардохти фаврии ҷубронпулии пасандоздорон заруранд, аз ҷумла*

[9] *Ниг. ба: "IADI Core Principles for Effective Deposit Insurance Systems (IADI, 2014)"*

*механизмҳои боэътимоди маблағгузорӣ дар ҳолатҳои фавқулоддаро дошта бошад*». Дар ин ҷода, Қонуни амалкунандаи Хазина пешбинӣ менамояд, ки ҳангоми нарасидани маблағ Хазина ҳуқуқ дорад барои ҷуброни касри он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди гирифтани қарз муроҷиат намояд. Аммо, ба ғайр аз муқаррароти асосии Қонун механизми мушаххаси маблағгузории касри Хазина муайян нагардида буд.

Вобаста ба ин, дар давраи баррасишаванда бо мақсади таъмини устувории молиявии Хазина ҷиҳати иҷрои вазифаи асосии Хазина оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ, механизми танзимкунандаи муносибатҳои Хазина бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми нарасидани маблағи Хазина дар ҳамкорӣ бо БМТ, Вазорати молия ва дар доираи лоиҳаҳои кӯмакҳои техникии Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Осиёгии Рушд (БОР) таҳия гардид.

Аз ҷумла, санадҳои меъёрии “Тартиби ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №622 аз 26.11.2020 сол ва “Созишномаи қолабӣ байни Вазорати молияи ҶТ ва Хазина оид ба ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” санаи 09.03.2022 сол ба тасвиб расонида шуд.

Механизми мазкури маблағгузории касри Хазина имконият медиҳад, ки дар давраи дарозмуҳлат устувории молиявии Хазина дар ҳолати бавуқуъоии касри Хазина таъмин карда шуда, эътимоднокии низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва суботи молиявии низоми бонкӣ нигоҳ дошта шавад.

### §4. Беҳтар намудани ҳамкорӣ бо шарикони асосӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ

Дар самти беҳтар намудани ҳамкориҳо бо шарикони асосии Хазина, аз ҷумла Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи ҶТ ва ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, корҳои муайяне ба сомон расонида шуд.

Сараввал бояд қайд намуд, ки Хазина ба ҳайси узви доимии Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, пайваста дар ҷаласаҳои он иштирок намуд. Шӯрои мазкур мақоми байниидоравии доимоамалкунандаи машваратӣ буда, он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №331, аз 21 июни соли 2018 бо мақсади баррасии масъалаҳои таъмини суботи молиявӣ, ошкор намудани хавфҳо дар низоми молиявӣ ва пешниҳоди тадбирҳо баҳри коҳиш додани хавфҳо таъсис дода шудааст. Тибқи низомномаи Шӯро ба ҳайати он Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун раиси Шӯро, Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муовини раиси Шӯро ва Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун котиби ҳамоҳангсоз дохил мебошанд. Дар баробари ин, Раиси Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ узви доимӣ ва инчунин намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчӣ ба ҳайси нозири мустақили Шӯро мебошанд.

Бо мақсади фароҳам овардани механизми табодули иттилоот ва ҳамкорӣ баҳри мусоидат ба иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои тарафайн, “Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ оид ба ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот” санаи 20 апрели соли 2021 ба тасвиб расид.

Ёддошти мазкур ҳамкориҳои байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазинаро дар доираҳои мухталифи зерин, аз ҷумла мубодилаи маълумот оид ба пешниҳод ва бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ, мубодилаи маълумот оид ба маблағи пардохтҳои ташкилотҳои қарзӣ ва муқаррар намудани андозаи он, огоҳии пешакӣ ва мубодилаи иттилоот ҳангоми мавҷудияти хавфи амалӣ гардидани ҳолати суғуртавӣ, мубодилаи иттилоот дар ҳолати суғуртавӣ, ҳамкорӣ дар гузаронидани санҷишҳои ташкилотҳои қарзӣ, ҳамкорӣ дар ҳолати маъмурияти муваққатӣ ва батанзимдарории ташкилотҳои қарзӣ ва ҳамкорӣ ҳангоми банақшагирии буҳронӣ дар бар мегирад.

Ғайр аз ин, чи тавре дар боло зикр гардид, ҳамкориҳои Хазина бо Вазорати молияи ҶТ оид ба механизми ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазина, ки таъмини устувории молиявии Хазинаро вобаста ба масъалаҳои

пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон пешбинӣ менамояд, дар асоси муқаррароти Қонун тақвият дода шуд.

Яке аз самтҳои асосӣ дар фаъолияти Хазина ин тибқи супоришномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон иштирок дар санҷишҳои маҷмӯӣ ва мавзӯии ташкилотҳои қарзии узви Хазина ҷиҳати муайян намудани сатҳи риояи талаботҳои Хазина аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин асно, кормандони Хазина мутобиқи Тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ оид ба суғуртаи пасандозҳо дар рафти санҷиши ташкилотҳои қарзӣ дар ҳамкорӣ бо мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон масъалаҳои саривақт ва пурра аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ гузаронидани пардохтҳо ба Хазина, баҳисобгирӣ ва пешбурди феҳристи уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон, пешбурди руйхати шахсони вобастаи ташкилоти қарзӣ, аз ҷониби ташкилоти қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон дар бораи иштироки худ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва дар бораи тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта аз рӯи пасандозҳои суғурташуда, инчунин санҷиши сатҳи дониши кормадони ташкилоти қарзӣ оид ба суғуртаи пасандозҳо, пайваста мавриди таҳлилу санҷиш қарор дода шуд.

Бо мақсади такмили низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ҳамкориҳои судманд бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Осиёгии Рушд (БОР) густариш дода шуд.

Аз ҷумла, бо дархости Хазина ва дастгирии Бонки миллии Тоҷикистон дар моҳи сентябри соли 2017 аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ лоиҳаи кӯмаки техникӣ оид ба "Такмили низоми суғуртаи пасандозҳо дар Тоҷикистон" маъқул дониста шуд[10]. Мақсади лоиҳаи мазкур аз баррасӣ ва такмили қисматҳои асосии низоми суғуртаи пасандозҳо дар Тоҷикистон арзёбӣ гардид. Дар қисмати якум "*Маблағгузорӣ, сармоягузорӣ ва фарогирӣ*" баррасии масъалаҳои сиёсати сармоягузории Хазина, арзёбии сатҳи ҷории фарогирӣ ва ҳаҷми суғуртаи пасандозҳо, инчунин андозаи

[10] *Лоиҳаи мазкур аз ҷониби гуруҳи FIRST маблағгузорӣ шуда, мӯҳлати амалисозии он аз моҳи октябри соли 2017 то моҳи октябри соли 2019 буд.*

ниҳоии маблағи Хазина ва таҳияи лоиҳаи тағйиру иловаҳои дахлдорро дар қонунгузории амалкунанда дар бар гирифт.

Қисмати дуюми лоиҳа "*Пардохти ҷубронпулии суғурта ва иштирок дар раванди батанзимдарории ташкилотҳои қарзӣ*" ба масъалаҳои зерин равона гардида буд: баланд бардоштани потенсиали Хазина дар самти идоракунии раванди пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон, бахусус такмили шаклҳои ҳисоботи ташкилотҳои қарзӣ, таҳияи санади меъёрӣ оид ба тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта бо назардошти чораҳои мушаххаси ташвиқотӣ оид ба раванди пардохти ҷубронпулӣ; мусоидат дар таҳияи шартҳои техникии автоматикунонии раванди пардохти ҷубронпулӣ; таҳияи дастур оид ба иштироки Хазина дар раванди батанзимдарорӣ, аз ҷумла гузаронидани санҷиши хароҷоти камтарин.

Дар қисмати сеюм "*Ҳамкорӣ дар доираи низоми нигоҳдории суботи молиявӣ*" бошад, таҳияи лоиҳаҳои механизми маблағгузории касри Хазина ва Ёддошти тафоҳум байни Хазина ва Бонки миллии Тоҷикистон оид ба табодули иттилоот пешбинӣ гардид.

Хазина дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ дар давоми солҳои 2017-2019 бо тавсияҳои мушовирони Бонки Ҷаҳонӣ ҳамкориҳои судманду самаранокро ба роҳ монда, аз рӯи компонентҳои асосии он корҳои муайян иҷро карда шуданд, аз ҷумла:

- санадҳои нави меъёрӣ оид ба сиёсати сармоягузории Хазина таҳия ва қабул карда шуданд;

- азнавбаҳодиҳии миқёси фарогирии суғуртаи пасандозҳо, андозаи ҷубронпулӣ ва андозаи ниҳоии маблағи Хазина гузаронида шуд. Натиҷаҳои он муайян намуд, ки миқёси суғурта бояд соҳибкорони инфиродӣ, корхонаҳои хурду миёна ва ташкилотҳои ғайритиҷоратиро фаро гирад. Андозаи ҷубронпулӣ бояд нисбатан зиёд карда шуда, барои пасандозҳо ҳам бо пули миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ дар як ҳаҷми муайяни бо сомонӣ ифодаёфта муқаррар карда шавад. Инчунин, андозаи ниҳоии маблағи Хазина дар сатҳи 7,0 фоизи ҳамаи пасандозҳои шахсони воқеии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити кунунӣ ба талаботҳо мувофиқ мебошад;

- раванди пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон тавассути таҳия ва қабули тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ, қоидаҳои умумии пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон ва шаклҳои ҳисоботии нав оиди пардохтҳои тақвимӣ ва сохтори пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ, созишномаҳои ҳамкории Хазина бо бонк-агент ва бо мудири махсуси такшилоти қарзии барҳамдодашуда беҳтар гардонида шуд;

- дастур оид ба иштироки Хазина дар раванди батанзимдарории ташкилоти қарзӣ таҳия карда шуд;

- ҳамкорӣ бо дигар иштирокчиёни низоми молиявӣ дар самти таъмини суботи молиявӣ таҳким дода шуд, аз ҷумла механизми маблағгузории касри Хазина аз ҷониби Ҳукумати ҶТ ва Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазина таҳия ва қабул карда шуд;

- дар асоси тавсияҳо лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” ва “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” таҳия карда шуд.

Дар навбатии худ, қисмати автоматикунонии раванди коркард ва пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон, ки аз ҷониби лоиҳаи кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ таҳияи шартҳои техникии (“техзадание”) онро бо пешниҳоди барномаи махсус пешбинӣ мекард, бинобар наёфтани иҷрокунанда аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ амалӣ нагашт.

Хазина дар давоми солҳои 2019-2022 бо Бонки Осиёгии Рушд (БОР) ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда, дар доираи “Барномаи таҳкими бахши молиявӣ ва идоракунии фискалӣ дар Тоҷикистон”, ки яке аз мақсадҳои он таҳкими суботи молиявии низоми бонкӣ ба ҳисоб мерафт, лоиҳаи “Созишномаи қолабӣ оид ба ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазина” дар мувофиқа бо Вазорати молияи ҶТ омода карда шуд, ки он аз тарафи Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Хазина ба имзо расонида шуд.

Инчунин, бо мақсади беҳтар намудани раванди пардохти ҷубронпулӣ, ба санадҳои меъёрии Хазина “Қоидаҳои умумии пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии

ташкилоти қарзӣ” ва “Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ” тағйиру иловаҳо ворид ва аз тарафи Шӯрои нозирони Хазина тасдиқ гардид. Тағйиру иловаҳои мазкур имконият медиҳад, ки пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони суғурташуда минбаъд тавассути интиқолҳои электронӣ ва пардохтҳои электронӣ зиёд гардида, дастрасии бештар, махсусан барои занон ва гурӯҳҳои одамони осебпазир, ки дар ноҳияҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд, барои гирифтани ҷубронпулӣ таъмин карда шавад.

Ғайр аз ин, дар доираи барномаи мазкури БОР ва иҷрои талаботи матритсаи чораҳои сиёсии он лоиҳаи таҳияшудаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, ки аз он ҷумла васеъ гардидани вазифаҳои Хазинаро оид ба суғурта фаро гирифта шудани шахсони ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд, дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Хазина бо кишварҳои узви Кумитаи минтақавии Авросиёи АБСП (IADI) низ ҳамкориҳои судмандро идома дода, дар вохӯриҳои солона ва чорабиниҳои фосилавии он, инчунин гузаронидани пурсишномаҳои дахлдор иштироки худро таъмин намуд. Хазина дар Кумитаи мазкур ба сифати мушоҳид фаъолият намуда, иштирок дар ҷаласаҳои он имкон медиҳад, ки омӯзиши таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ оид ба суғуртакунии пасандозҳо, самаранок ва устувор намудани низоми миллии суғуртакунии пасандозҳо, инчунин рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ байни ташкилотҳои суғуртакунии пасандозҳо ривоҷ дода шавад.

## §5. Таблиғоту ташвиқоти моҳияти суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ба аҳли ҷомеа

Хазина тӯли солҳои охир ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди корӣ дар самти пешбурди корҳои ташвиқотӣ, паҳнсозии маълумот ва огоҳонии оммаи васеъ оид ба моҳияти низоми суғуртаи пасандозҳо, корҳои муайяне анҷом дод.

Қабул намудани санадҳои меъёрӣ оид ба тартиби пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон оиди низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, нашри маводҳои таблиғотӣ, ба истифода қарор додани сомонаи нави Хазина, саҳифа дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва маркази тамос аз қабили онҳо мебошад. Аз ҷумла, дар ин давра "Тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" (қарори Шӯрои нозирон аз 12.12.2019) ва "Барнома оид ба интишори маълумот барои оммаи васеъ дар бораи нақши низоми суғуртаи пасандозҳо ҷиҳати таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии ҶТ" (қарори Шӯрои нозирон аз 04.03.2020) таҳия ва қабул гардид.

Санадҳои мазкур бевосита ҷиҳати ба роҳ мондани раванди мунтазами паҳнсозии маълумот, огоҳонӣ ва ташкили корҳои фаҳмондадиҳӣ ба аҳли ҷомеа оид ба нақши низоми суғуртаи пасандозҳо, афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои он, инчунин баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ равона карда шудаанд.

Дар самти баланд бардоштани симои хотирмон ва шинохташавандаи корпоративӣ ангораи (логотипи) нави Хазина, ки он тасвири визуалӣ ва рамзу эътибори Хазинаро ҳамчун ҷузъи услубии ташкилот инъикос менамояд, тарҳрезӣ ва қабул гардид (ниг. ба ангора). Ангораи нави Хазина минбаъд дар ҳамагуна ҳуҷҷатҳо, лифофаҳо, сомонаи интернетӣ, маводҳои таблиғотӣ ва ғайра мавриди истифода қарор дода шуд.

Бо мақсади тақвияти сиёсати иттилоотӣ – коммуникатсионии Хазина ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи низоми суғуртаи пасандозҳо, дар соли 2020-ум сомонаи расмии Хазина (www.idif.tj) дар шакли нав мавриди истифода қарор дода шуд. Сомонаи корпоративии таҷдидшудаи Хазина мукаммал гардида, он бо тарҳи муосир ва муҳтавои васеи иттилоотӣ, ки хусусиятҳои Хазинаро ҳамчун ташкилоти танзимкунандаи фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳо инъикос мекунад, такмил дода шуд.

Дар таҳияи сомона рангҳои нишони нави Хазина истифода бурда шуда, принсипҳои пешниҳоди иттилоот ва сохтори сомона дастрасиро ба

иттилоот хеле осон намуд. Ҳар як фаъолияти Хазина дар бахшҳои алоҳида оварда шуда, дар саҳифаи асосии сомона менюи алоҳида бо нишондиҳандаҳои асосии Хазина ва блоки хабарҳо бо эълонҳо ҷойгир карда шуд. Инчунин, дар сомона барои истифодабарандагон функсияи ҷустуҷӯӣ, дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳои мухталиф ва функсияи “Тамос бо мо” муҳайё гардонида шуд.

Сомонаи Хазина, бахусус дар давраи бозхонди иҷозатномаҳои бонкҳои мушкилотдор (ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк") боз ҳам фаъолнок гардида, шумораи ташрифкунандагони он ба маротиб афзуд.

Бо мақсади бевосита хабардор намудани пасандоздорон оид ба раванди пардохти ҷубронпулӣ, Хазина аз хизматрасонии СМС-паёмакҳо истифода бурда, ба рақамҳои телефони мобилии пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда оид ба санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта, ҷой ва бонк-агенти интихобшуда, маълумоти саривақтӣ ирсол карда шуд. Ғайр аз ин, тибқи талаботи равандҳои муосири пешниҳоди иттилоот Хазина саҳифаи расмии худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ (бахусус, фейсбук) барпо намуд.

Хазина сари вақт ва мунтазам ахборот вобаста ба фаъолияти худ, эълонҳо ва дигар маълумотро оид ба масъалаҳои мухталифи соҳа, аз ҷумла оид ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина, тағйиротҳо дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, феҳристи ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина, нишондиҳандаҳои молиявӣ-оморӣ, маводҳои таҳлилию ҳисоботҳои даврӣ (ҳисоботҳои солона ва семоҳа), ҷавоб ба саволҳои бештар пешниҳодшаванда (FAQ) омода карда, дар сомонаи худ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойгир намуд.

Ҳамзамон, дар Хазина кори маркази тамос (колл-сентр) ташкил гардида, қисми зиёди муроҷиатҳои шаҳрвандон тавассути алоқаи телефонии маркази тамос қабул ва коркард карда шуданд.

Бахри баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, Хазина паҳнсозии маводҳои таблиғотӣ ва эълонҳоро тавассути телевизион, радио, маҷалла ва рӯзномаҳои расмӣ низ ба таври фаъол амалӣ намуд. Бо ин мақсад,

буклетҳо, брошюраҳо, плакатҳо, видеороликҳо, нишонҳои худчасп бо назардошти инъикоси ангораи нави Хазина ва дигар маводҳои таблиғотӣ-иттилоотӣ оид ба Хазина, низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта таҳия ва интишор карда шуданд.

Бояд қайд кард, ки ҷиҳати ҷоннок намудани корҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ, соли 2019 бо қарори Шӯрои нозирон дар сохтори ҷадвали вазифавии Хазина воҳиди кории нав – "Мутахассис оид ба робита бо ҷомеа" дохил карда шуда, ба вазифаи мазкур як нафар мутахассис тариқи озмун ба кор қабул гардид.

## §6. Такмили ихтисосу дониши кормандони Хазина

Дар давоми солҳои 2017–2022 бо мақсади такмили ихтисос ва малакаи корӣ кормандони Хазина дар чорабиниҳои дохилӣ ва семинару сафарҳои омӯзишӣ-таҷрибавӣ дар хориҷи кишвар ба қадри имкон иштирок намуданд.

Аз ҷумла, кормандони Хазина дар конфронсҳо ва семинарҳои байналмилалӣ дар шаҳрҳои Станбул (Туркия), Санкт-Петербург (Русия), Алмаато (Қазоқистон), Казан (Русия) доир ба масъалаҳо оид ба суғуртаи пасандозҳо, ки аз ҷониби АБСП (IADI) ҳамасола гузаронида мешавад, иштирок намуд. Инчунин, кормандони Хазина дар якчанд онлайн семинарҳо, ки аз ҷониби Кумитаи минтақавии Авруосиё (КМА) тавассути шабакаи интернет гузаронида шуд, фаъолона иштирок намуданд.

Ҳамзамон, дар доираи Барномаи кӯмаки техникии Бонки Осиёгии Рушд (БОР) оид ба таҳкими идоракунии бахшҳои молиявию фискалӣ ва иҷрои талаботҳои матритсаи барномаи мазкур, аз тарафи Хазина ба БОР барои ташкили сафари таҷрибаомӯзии кормандони Хазина ҷиҳати омӯзиши таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ дархост пешниҳод карда шуд. Дархости Хазина аз ҷониби БОР дастгирӣ ёфта, дар навбати худ БОР барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дар "Корпоратсияи суғуртаи пасандозҳои Корея" (ш. Сеули Ҷумҳурии Корея) дар соли 2022 даъватнома пешниҳод намуд ва бо мақсади такмили савияи донишу

малакаи корӣ се нафар кормандони Хазина ба Ҷумҳурии Корея сафарбар карда шуданд.

Дар давраи баррасишаванда дар самти баланд бардоштани самаранокии равандҳои дохиликорӣ санадҳои меъёрии дахлдор таҳия ва қабул гардиданд. Аз ҷумла, бо мақсади таъмини риояи одоби хизматӣ, принсипҳои этикӣ ва арзишҳои корӣ (корпоративӣ) дар Хазина, иҷрои босазои вазифаҳои меҳнатӣ баҳри таъмини фаъолияти самаранок, ҳифз ва таҳкими обрӯ, эътимод ва эътибори кормандони Хазина "Кодекси одоби хизматӣ ва этикаи кории кормандони Хазина" таҳия ва қабул гардид. Принсипҳо ва муқаррароти Кодекси мазкур қисми ҷудонопазири фарҳанги корпоративии Хазина ва яке аз меъёрҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти касбӣ ва рафтори хизматии кормандон ҳисобида мешавад

Ҷиҳати баланд бардоштани масъулияти касбӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии моддии кормандони Хазина барои расидан ба натиҷаҳои назарраси фаъолияти корӣ, иҷрои босифати уҳдадориҳои вазифавӣ ва меҳнати софдилона Низомнома "Дар бораи музди меҳнат ва пардохтҳои ба он баробари кормандони Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардид.

Инчунин, ҷиҳати роҳ надодан ба ҳолати бархӯрди манфиатҳо ва зарар нарасонидан ба обрӯ ва эътибори Хазина Дастурамал "Дар бораи сиёсати Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ оид ба бархӯрди манифатҳо" таҳия ва қабул гардид. Дастурамали мазкур тадбирҳои пешгирии бархӯрд ва ихтилофоте, ки метавонанд миёни манфиатҳои Хазина ва манфиатҳои шахсии корманд, кор ва муносибатҳои шахсии кормандони алоҳида ба вуҷуд оянд, аз ҷониби кормандон суйистифода намудан аз мақоми худ, аз амвол ва иншооти Хазина, инчунин манфиатдорӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина, танзим менамояд.

Бо вуҷуди ин, чорабиниҳо дар самти баланд бардоштани потенсиали дохилӣ ва сиёсати кадрии Хазина, такмили ихтисос ва савияи касбии кормандони Хазина нокифоя буда, дар солҳои минбаъда ба самти мазкури фаъолияти Хазина бо назардошти ҷобаҷогузории сохтори кормандон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад.

## 3. СТРАТЕГИЯИ САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ ХАЗИНА БАРОИ СОЛҲОИ 2024 – 2029

Дар марҳилаи кунунӣ бо дарназардошти натиҷаҳои ноилгардида Хазинаро мебояд самтҳои минбаъдаи раванди рушди стратегии фаъолияти худро тибқи таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ муайян ва тарҳрезӣ намуд. Агар дар бобҳои якум ва дуюми Стратегияи мазкур оиди вазъи ҷорӣ ва айни ҳол дар куҷо будани Хазина шарҳ дода шуда бошад, боби сеюми Стратегия оиди дар куҷо ва чӣ гуна худро дар панҷ соли оянда дидани Хазина, ҳадафҳои ба нақша гирифташаванда ва роҳҳои ноил гардидани онро муайян менамояд.

Хазина худро ҳамчун ташкилоти муваффақ, муассир ва пешсафи суғуртакунандаи пасандозҳо мебинад, ки вазифаҳои вогузоршударо бо дарназардошти дастовардҳои беҳтарини таҷрибаи ҷаҳонӣ ба таври самаранок иҷро менамояд.

Вобаста ба ин, бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар ва низоми суғуртаи пасандозҳо, дар доираи Стратегияи солҳои 2024-2029 Хазина рушди фаъолиятро дар самтҳои муҳим тавассути баланд бардоштани потенсиали дохилӣ ва идоракунии равандҳои корпоративӣ бо таваҷҷуҳи бештар ба омодагии амалиётӣ ва самаранокии молиявӣ идома медиҳад.

Ҳамзамон, Хазина саъю кӯшиши худро ба фаъол гардонидани сиёсати иттилоотӣ ва робита бо ҷомеа, рушди сармояи инсонӣ ва фарҳанги корпоративӣ, инчунин ривоҷ додани ҳамкорӣ бо шарикони асосӣ ва иштирокчиёни низоми нигоҳдории суботи молиявӣ бо такя ба “Принсипҳои асосии Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо (АБСП, IADI) барои низомҳои босамари суғуртаи пасандозҳо” равона хоҳад кард.

**Стратегияи мазкур дар маҷмуъ чор самти афзалиятнок ва ҳадафҳои амалиётии зерини рушди Хазинаро барои солҳои 2024-2029 муайян менамояд:**

**Самти 1. Суғуртаи амонату пасандозҳо**

1.1. Тақвияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

1.2. Таҳкими омодагӣ ба эҳтимолияти амалӣ гаштани ҳолатҳои суғуртавӣ ҷиҳати таъмини раванди самараноки пардохти ҷубронпулии суғурта

**Самти 2. Идоракунии равандҳои дохилӣ-корпоративӣ**

2.1. Таъмини устувории молиявии Хазина, идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ

2.2. Такмили сохтори ташкилӣ ва тахассуси кормандони Хазина

**Самти 3. Сиёсати иттилоотӣ**

3.1. Вусъат додани корҳои таблиғоту ташвиқоти Хазина ва раванди иртибот бо ҷомеа оиди моҳияти суғуртаи амонату пасандозҳо

**Самти 4. Ҳамкориҳои самаранок**

4.1. Беҳтар намудани ҳамкорӣ бо шарикони асосӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ

Мониторинг ва назорати татбиқи Стратегия тавассути матритсаи он, нақшаи иҷрои тадбирҳо бахри ноил гардидан ба ҳадафҳои пешбинишуда ба роҳ монда хоҳад шуд.

## §1. Суғуртаи амонату пасандозҳо

### 1.1. Тақвият додани низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Суғуртаи амонату пасандозҳо, танзими низоми суғуртаи пасандозҳо ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ аз ваколату вазифаҳои калидии Хазина маҳсуб меравад.

Фаъолияти Хазина дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина ба роҳ монда шудааст. То инҷониб аз тарафи Хазина танҳо пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки дар суратҳисобҳои пасандозӣ ва пасандози муҳлатноки ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина (бонкҳо ва ТАҚХ) ҷойгиранд, суғурта карда шуда, дар мавриди фарорасии ҳолати

суғуртавӣ ба андозаи муқарраршуда ҷуброн карда мешуданд[11]. Суратҳисобҳои амонатҳои дархостӣ бинобар сабаби дар онҳо асосан ҷойгир карда шудани маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ, суғурта карда намешуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар таҷрибаи гурӯҳи кишварҳои бо низомҳои рушдёфтаи суғуртаи пасандозҳо, фарогирии суғуртавии пасандоздорон, бахусус аз рӯи шакли моликият ва намуди пасандоз васеъ буда, он ба ғайр аз шахсони воқеӣ шахсони ҳуқуқиро низ дар бар мегирад. Аз ҷумла, Ассотсиатсияи IADI (АБСП) соли 2021 дар тадқиқоти худ назарсанҷии 53 низомҳои суғуртакунандаи пасандозҳоро дар саросари ҷаҳон гузаронид[12] ва натиҷаи он нишон дод, ки аз ҷониби 86 фоизи низомҳои мазкур на танҳо пасандозҳои шахсони воқеӣ балки гурӯҳҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ, ба монанди субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мавриди суғурта фаро гирифта мешаванд. Раванди мазкур афзоишёбанда буда, кишварҳои бештари рӯ ба инкишофи дунё ба фарогирии нисбатан васеи суғуртаи пасандозҳо гузашта истодаанд.

Яке аз принсипҳои умда ва муҳими дилхоҳ низоми суғуртаи пасандозҳо ин ҳимояи ҳатмии пасандоздорони хурд ба ҳисоб меравад. Пасандоздорони хурд гуфта одатан он шахсонеро мегӯянд, ки маблағи пасандозашон хурд буда, дар маҷмуъ оиди хавфҳои бонкӣ маълумоти пурра надоранд ва ҳангоми пайдо гардидани сару овозаҳо оиди ба вуқуъ омадани ягон мушкилӣ дар бонк ба осонӣ ба таҳлука меафтанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми бозхонди иҷозатнома ва барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ маблағи пасандозҳои шахсони ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бинобар дар низоми суғуртаи пасандозҳо суғурта нашудан, саривақт баргардонида намешаванд. Аз ин лиҳоз, суғурта гардидани пасандозҳои субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ қадами навбатӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо мебошад, зеро мисли дигар шахсони воқеии дорои пасандозҳои хурди бонкӣ, чунин субъектҳо одатан

[11] *Ба истисноӣ пасандозҳои дар моддаи 24 Қонун дарҷгардида.*
[12] *Ниг. ба: "Deposit Insurance Coverage Level and Scope", Research Paper (IADI, 2021).*

хавфҳоро дуруст бар намекашанд ва начандон имкониятҳои хуби баҳодиҳии хавфҳои бонкиро доранд.

Вобаста ба ин, Хазина яке аз ҳадафҳои стратегияи рушдро дар андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати мунтазам васеъ намудани миқёси фарогирии низоми суғуртаи пасандозҳо ва субъектҳои суғурташаванда пешбинӣ намуда, дар навбати худ, дар марҳилаи аввал дохил намудани пасандозҳои категорияҳои алоҳидаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, инчунин суратҳисобҳои амонатии дархостшавандаро ба фарогирии суғуртавӣ дар назар дорад.

Роҳандозӣ намудани ҳадафҳои мазкур тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина аллакаай дар соли 2023 амалӣ карда шуд. Аз ҷумла, санаи 15 марти соли 2023 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" (Қонуни ҶТ аз 15.03.с.2023, №1961) ба имзо расонида шуд. Мутобиқи тағйиру иловаҳои воридгардида қонун ҳамчун Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи амонатҳо" номгузорӣ карда шуда, доираи объектҳои ҳатмии суғурта васеъ шуда, минбаъд дар қатори пасандозҳои шахсони воқеӣ, инчунин суратҳисобҳои амонатию пасандозии соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо суғурта фаро гирифта мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки лоиҳаи таҳияшудаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур дар асоси тавсияҳо ва ҳамкорӣ дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ оид ба "Такмили низоми суғуртаи пасандозҳо дар Тоҷикистон", инчунин дар доираи "Барномаи БОР оид ба таҳкими бахши молиявӣ ва идоракунии фискалӣ дар Тоҷикистон" , ки васеъ гардидани вазифаҳои Хазинаро оид ба суғурта фаро гирифта шудани шахсони ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд, омода гардида, он дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати ҶТ ва ба

баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда буд.

То қабули қонуни болозикр андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои шахсони воқеӣ бо пули миллӣ на зиёда аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва бо асъори хориҷӣ на зиёда аз 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар шуда буд.

Тавре таҷриба нишон медиҳад, вобаста кардани андозаи ҷубронпулӣ аз "нишондиҳанда барои ҳисобҳо" (ба ҷои андозаи муайяни рақамӣ), гарчанде ки он тасҳеҳи автоматикии андозаи ҷубронпулиро пешбинӣ менамояд, бо сабабҳои мухталиф як қатор пайомадҳо ва мушкилиҳои зерини худро дар раванди танзими фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳо зоҳир намуд:

- Андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо Қонуни ҶТ "Дар бораи буҷети давлатӣ" қариб ки ҳар сол танзим карда шуда, аз соли 2016 инҷониб он дар маҷмуъ 1,6 маротиба зиёд гардидааст. Ҳамасола зиёд шудани андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо боиси афзоиши ғайриасосноки андозаи ҷубронпулӣ бо ҳисоби сомонӣ гардида, ҳаҷми ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина низ ҳар сол зиёд шуда истодааст;

**Афзоиши андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, бо сомонӣ**




**Ӯҳдадории суғуртавии Хазина нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда, бо %**




- Тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ қабл аз баланд бардоштани андозаи ҷубронпулӣ сараввал бояд имкониятҳои ҷойдоштаи молиявӣ ба инобат гирифта шуда, муқаррар кардани андозаи ҷубронпулӣ бо назардошти

афзоиши мутаносиби дороиҳои Хазина, бахусус пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина воридшаванда, ба мақсад мувофиқ мебошад;

- Андозаи ҷубронпулӣ набояд барои аҳолӣ (пасандоздорон, муштариён ва умуман иштирокчиёни низоми бонкӣ) душворфаҳм бошад, аммо бинобар бо “нишондиҳанда барои ҳисобҳо” муқаррар гардидан, он барои аҳолӣ начандон осонфаҳм аст. Бо сабаби душворфаҳмӣ, ба Хазина дар раванди пешбурди корҳои таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа на ҳама вақт ба фаҳми аҳолӣ ба таври самаранок расонидани андозаи ҷубронпулӣ ва мафҳуми “нишондиҳанда барои ҳисобҳо” муяссар мегардад.

Ҳамзамон бо ин, андозаи ҷубронпулӣ на ин ки ба тариқи индексатсияи автоматикӣ балки мунтазам ҳангоми зарурат бо назардошти раванди рушди низоми бонкию молиявӣ ва иқтисодии кишвар, дар асоси баҳодиҳии воқеъбинона ва таҳлилҳои амиқ, имкониятҳои молиявии ҷойдошта ва кифоятии маблағҳои Хазина ҷиҳати таъмини пардохти ҷубронпулӣ, аз нав дида баромада мешавад.

Аз ин лиҳоз, барои таъмини фаъолияти босамар ва муназзами низоми суғуртаи пасандозҳо ба таври асоснок муайян ва муқаррар кардани андозаи ҷубронпулӣ аҳамияти зиёд дорад. Ғайр аз ин, муайян намудани андозаи ҷубронпулӣ дар як сатҳи ягона ҳам барои пасандозҳо бо пули миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ барои таъмини баробарҳуқуқӣ ва ҳимояи манфиатҳои қонунии пасандоздорон мусоидат хоҳад кард.

Дар ин ҷода, дар Стратегия ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонун ва ба таври мушаххас бо ифодаи пулӣ муқаррар кардани андозаи ҷубронпулӣ пешбинӣ мегардад, ки ин барои бартараф намудани мушкилиҳои зикргардида, ба раванди босамари иртибот бо ҷомеа, ташвиқоту огоҳонии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи пасандозҳо бевосита таъсири мусбӣ мерасонад.

Вобаста ба ин, мутобиқи тағйиру иловаҳои ба Қонун воридшуда (Қонуни ҶТ аз 15.03.с.2023, №1961), андозаи ҷубронпулӣ барои амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ новобаста аз намуди асъор ба таври равшану возеҳ дар як андозаи мушаххас, яъне на бештар аз 35000 сомонӣ муқаррар карда шуд. Ғайр аз ин, дар Қонун

муқаррароти махсус, ки тибқи он андозаи ҷубронпулӣ давра ба давра, вале на камтар аз як маротиба дар се сол бо назардошти раванди рушди низоми бонкию молиявӣ ва иқтисодии кишвар, дар сурати зарур шумоਰидан аз нав дида баромада мешавад, ворид карда шуд.

Бо назардошти ин, Хазина минбаъд бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ тасмим мегирад, ки андозаи ҷубронпулиро то охири давраи амалигардии Стратегия то 50 000 сомонӣ баланд намояд. Азми мазкур муҳим ва мақсаднок буда, амалӣ гардидани он дар ҳолати таъмини устувории молиявии Хазина имконпазир мегардад.

Мусаллам аст, ки ҳадафҳои афзоиши миқёси фарогирии суғуртавӣ ва андозаи ҷубронпулӣ ҳангоми амалӣ гардидан уҳдадориҳои суғуртавии Хазинаро низ зиёд менамоянд. Ин дар навбати худ дар идоракунии ҷории Хазина будани маблағи бештарро тақозо менамояд, зеро ки айни замон баъд аз пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ду бонки собиқ низомсози барҳамдодашуда, маблағи Хазина ба таври назаррас коҳиш ёфтааст.

Хазина дар самти мазкур ҳамкориҳоро бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ вусъат медиҳад. Аз ҷумла, бо Бонки Ҷаҳонӣ муносибатҳои судманд ба роҳ монда шуда, дар натиҷаи мулоқот ва гуфтушунидҳои Хазина бо мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ лоиҳаи кӯмаки нави техникӣ ба Хазина, ки яке аз компонентҳои он ҷудо намудани маблағ дар шакли гранти инвеститсионӣ бо мақсади пуркунии маблағи Хазина пешбинӣ мегардад, таҳия карда шудааст. Хазина дар доираи имкониятҳо тамоми кӯшишҳои худро барои татбиқи барномаи лоиҳаи кӯмаки техникии мазкури Бонки Ҷаҳонӣ равона месозад.

Бинобар ин, солҳои оянда вобаста ба тағйироти пешбинишудаи қонунгузорӣ ва мувофиқан зиёд гардидани вазифаҳо, барои Хазина солҳои пурмасъул хоҳанд гардид.

Яке аз омилҳои асосии рушди низоми молиявии кишвар ин афзоиши нишондиҳандаи сатҳи миёнаравии молиявӣ ё худ ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ дар низоми бонкӣ ба шумор меравад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон бо вуҷуди баланд будани меъёрҳои фоизи

пасандоз, ҳаҷми пасандозҳо нисбат ба ММД дар сатҳи нисбатан паст (ба ҳисоби миёнасолона 14,0 фоиз) қарор дошта, аз рӯи нишондиҳандаи мазкур саҳми низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёт нокифоя арзёбӣ мегардад. Сабабҳои он гуногун буда, дар баробари дигар омилҳо асосан бо сатҳи пасттари даромадҳои хоҷагиҳои хонагӣ нисбат ба хароҷотҳои онҳо, ки барои пасандоз намудани маблағ имконият намедиҳад, инчунин сатҳи на он қадар баланди саводнокии молиявии аҳолӣ ва эътимоднокии низоми бонкӣ вобаста мебошад. Дар баробари ин, омили эътиқоди динӣ-маънавӣ низ таъсири худро ба ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва эътимод ба низоми бонкӣ мерасонад чунки аксари аҳолии кишвар мусулмон буда, аз мафҳуми мамнуъ будани рибо (фоиз) дар дини ислом огаҳӣ доранд ва аз ин сабаб аз ҷойгир кардани маблағҳои худ дар ташкилотҳои қарзии анъанавӣ худдорӣ мекунанд.

Ҳукумати ҷумҳуриамон ва Бонки миллии Тоҷикистон монеаҳои мазкурро дарк карда, бахри бартараф намудани он чораҳои зарурӣ андешида истодаанд. Аз он ҷумла, дар самти баланд бардоштани саводнокии молиявӣ "Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026" қабул гардида, дар самти ҷорӣ намудани низоми бонкдории исломӣ ҳанӯз соли 2014 Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" таҳия ва қабул гардид. Дар ин ҷода, соли 2019 як бонки собиқ узви Хазина ҶСК "Соҳибкорбонк" ба бонки исломӣ табдил дода шуда, номи он ба ҶСК "Тавҳидбонк" иваз шуд.

Қайд намудан зарур аст, ки айни ҳол мутобиқи моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ", ташкилотҳои қарзии исломӣ иштирокчии низоми суғуртаи пасандозҳо намебошанд ва пасандозҳои дар онҳо ҷойгир кардашуда дар низоми анъанавии суғуртаи пасандозҳо суғурта карда намешаванд. Аз ин сабаб, ҶСК "Соҳибкорбонк" аз Феҳрист бароварда шуда, ҶСК "Тавҳидбонк" ҳамчун ташкилоти қарзии исломӣ ба низоми суғуртаи пасандозҳо шомил карда нашуд.

Пешбинӣ карда мешавад, ки дар солҳои минбаъда низоми бонкдории исломӣ рушд ёфта, теъдоди ташкилотҳои қарзии исломӣ бо принсипҳои шариат амалкунанда, аз он ҷумла аз ҳисоби табдил ёфтани бонкҳо ва ё

ТАҚХ-ҳои анъанавии аъзои Хазина зиёд мегардад. Ин дар навбати худ ба кам шудани шумораи ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина ва аз фарогирии суғурта баромадани маблағҳои қисми муайяни пасандоздорон оварда мерасонад.

Аз ин лиҳоз, Хазина бо дарки муҳиммияти масъала ва бо мақсади минбаъд дохил намудани такшилотҳои қарзии исломӣ ба низоми суғуртаи пасандозҳо, пайдарпай андешидани чораҳои дахлдорро зарур шуморида, соли 2022 якҷоя бо Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии БОР оид ба "Молияи исломӣ барои рушди инклюзивӣ" бо ширкати мушовирии "IFAAS UK Limited" ҷиҳати омӯзиши имкониятҳо ва роҳҳои барпои низоми суғуртаи амонату пасандозҳои исломӣ дар Тоҷикистон ҳамкорӣ намуд.

Вобаста ба ин, Хазина дар Стратегияи мазкур андешидани қадамҳои минбаъдаро ҷиҳати муайян ва бартараф намудани монеаҳои дар қонунгузорӣ мавҷуда, таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, баланд бардоштани омодагии Хазина ва савияи дониши кормандони худро дар ҳамкорӣ бо коршиносони байналмилалӣ дар асоси таҷрибаҳои пешқадам тарҳрезӣ хоҳад кард.

Бинобар муқаррароти моддаи 55 Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", ки тибқи он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаҳдорӣ ва баргардонидани амонату пасандозҳои шахсони воқеиро дар бонки давлатӣ кафолат медиҳад, айни замон бонкҳои давлатӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо шомил намебошанд, бо вуҷуди оне, ки ин ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" мухолиф мебошад. Дар моддаи 12 Қонуни мазкур муайян шудааст, ки ҳар як ташкилоти қарзии дорои иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои ҷалби амонату пасандозҳо, узви Хазина мебошад. Ногуфта намонад, ки яке аз Принсипҳои асосии АБСП (IADI) муайян кардааст, ки: «*Узвият дар низоми суғуртаи пасандозҳо бояд барои ҳамаи бонкҳо ҳатмӣ бошад*.". Айни замон дар низоми бонкии кишвар ду бонки

давлатӣ КВД БА ҶТ “Амонатбонк”[13] ва КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” фаъолият карда, онҳо иштирокчии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо нестанд ва бинобар кафолати давлатӣ бартарияти нисбиро нисбат ба бонкҳои хусусӣ доранд. Мутобиқи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва тавсияҳои коршиносони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ бонкҳои давлатӣ низ ба монанди дигар бонкҳо бояд ҳатман ба низоми суғуртаи пасандозҳо шомил бошанд, ки ин барои фароҳам овардани шароити рақобати солиму баробар мусоидат менамояд.

Бинобар ин, яке аз масъалаҳое, ки дар нақшаи Стратегии Хазина ворид карда мешавад, ин омодагӣ ҷиҳати дар ҳамкорӣ бо БМТ ва Вазорати молияи ҶТ бо назардошти ташаббуси ниҳодҳо андешидани тадбирҳо барои шомил гардидани бонкҳои давлатӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ба ҳисоб меравад.

Дар Стратегия яке аз ҳадафҳо ин омӯзиши имкониятҳои гузариши минбаъдаи Хазина ба низоми (усули) дифференсиалии ҳисобкунии андозаи пардохтҳои тақвимӣ[14] маҳсуб мегардад. Усули мазкур муайян намудани андозаи пардохтҳои тақвимиро дар асоси баҳодиҳӣ ва муайян кардани коэффитсиенти хавфро дар алоҳидагӣ барои ҳар як ташкилоти қарзӣ дар назар дорад. Яъне, барои ташкилоти қарзии фаъолияти хавфнокдошта коэффитсиенти хавф нисбатан баланд гардида, чӣ қадаре ки он зиёд баркашида шуда бошад андозаи пардохтҳои тақвимӣ ҳамон қадар зиёд муқаррар карда мешавад.

Айни замон, дар Қонун ва амалия низоми ягонаи ҳисобкунии андозаи пардохтҳои тақвимӣ[15] вобаста ба асъори пасандоз барои ҳамаи ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина муқаррар ва истифода бурда мешавад, ки тибқи он ташкилотҳои қарзӣ ҳар семоҳа ба андозаи 0,1 фоиз барои амонату пасандозҳои бо пули миллӣ ва 0,3 фоиз барои амонату пасандозҳои бо асъори хориҷӣ пардохтҳои тақвимии бебозгаштро пардохт менамоянд. Гарчанде ки ин усул осонфаҳм ва барои идора кардан

---

[13] *Бонки мазкур ба гуруҳи бонкҳои низомсози кишвар дохил мешавад.*
[14] *Ба истилоҳи байналмилалӣ: “Differential premium system”*
[15] *Ба истилоҳи байналмилалӣ: “Flat-rate premium system”.*

содда бошад ҳам, вале он дараҷаи идоракунии хавфи ташкилотҳои қарзиро дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ба инобат намегирад.

Татбиқи низоми дифференсиалӣ масъулият ва ҳавасмандии ҳар як ташкилоти қарзиро ҷиҳати пеш бурдани фаъолияти камхавфи бонкӣ баланд мебардорад, зеро тавре зикр гардид дар ҳолати зиёд гардидани хавф дар ташкилоти қарзӣ пардохтҳои тақвимӣ ва хароҷотҳои он зиёд мегардад.

Аз ин лиҳоз, дар солҳои оянда Хазина таваҷҷуҳ ва кӯшишҳои худро бо назардошти ҷалби кӯмаки техникии ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон ба омӯзишу таҳлили имкониятҳо, муайян намудани монеаҳои ҷойдошта ва қадамҳои мушаххаси минбаъда ҷиҳати гузариши Хазина аз низоми ягона ба низоми дифференсиалии ҳисобкунии андозаи пардохтҳои тақвимӣ равона месозад.

### 1.2. Таҳкими омодагӣ ба эҳтимолияти амалӣ гаштани ҳолатҳои суғуртавӣ ҷиҳати таъмини раванди самараноки пардохти ҷубронпулии суғурта

Таъмини пардохти сари вақт ва самараноки ҷубронпулӣ ба пасандоздорон яке аз ҳадафу вазифаҳои аввалиндараҷаи Хазина дар раванди ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон ба ҳисоб меравад. Таъмини босифати вазифаи мазкур барои нигоҳдории эътимоди омма ба низоми молиявӣ ва низоми суғуртаи пасандозҳо, бартараф намудани хавфҳои бухрони низом, инчунин ҳолатҳои ваҳму таҳлука ва шиддати иҷтимоӣ равона гардида, дар навбати худ пайваста баланд бардоштан сатҳу сифати омодагии амалиётии Хазинаро ба ҳолатҳои суғуртавӣ тақозо менамояд.

Тавре дар боби дуюми Стратегия қайд гардид, Хазина фаъолияти худро баҳри таъмини раванди самараноки пардохти ҷубронпулӣ ҷоннок намуда, дар ин самт аллакай корҳои муайянеро иҷро намудааст. Аз ҷумла, ҷиҳати такмили раванди пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон, таъмини самаранок, саривақт ва пурра ба анҷом расонидани раванди пардохти ҷубронпулӣ санадҳои меъёрии дахлдор

таҳия ва қабул гардида, дар асоси он “Нақшаи чорабиниҳо оид ба тартиби амалҳои Хазина ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ”-ро таҳия намуд. Санадҳои меъёрии мазкур равандҳо, тартиб ва усулҳои пардохти ҷубронпулӣ, муносибатҳои Хазина бо мудири махсус (барҳамдиҳанда) ва бонк-агентҳоро ҳангоми ташкили пардохти ҷубронпулии суғурта муайян менамоянд.

Ассотсиатсияи IADI (АБСП)[16] тибқи “Принсипҳои асосӣ барои низомҳои босамари суғуртаи пасандозҳо” ҷиҳати омодабошии низомҳои суғуртакунандаи пасандозҳо ба ҳолатҳои суғуртавӣ якчанд критерияҳои муҳим, ки барои самаранок амалӣ намудани пардохти ҷубронпулӣ заруранд, муайян кардааст. Вобаста ба ин, критерияҳои мазкури Принсипҳои IADI-ро барои муайян намудани омодагии ҷории Хазина ба пардохти саривақтӣ ва фаврии ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон, дарёфти камбудиҳои ҷойдошта ва чораҳои минбаъд андешидашаванда, ба таври зерин истифода хоҳем бурд.

***1) Хазина пардохти ҷубронпулиро дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарини вақт оғоз менамояд. Мӯҳлатҳои он дар санадҳо ба таври мушаххас муайян карда шуда, ба маълумоти омма расонида мешавад.***

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҳолати суғуртавӣ бо барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ тибқи қарори суд фаро расида, барои оғози маросими пардохти ҷубронпулӣ асос мешавад.

То ин дам дар қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии Хазина мӯҳлати оғози пардохти ҷубронпулии суғурта ба таври умумӣ ва норавшан дарҷ шуда, мӯҳлати мушаххаси он муайян карда нашуда буд. Аммо, пас аз қабули тағйиру иловаҳо ба Қонуни болозикр, мӯҳлати оғоз гардидани пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон на дертар аз 14 рӯзи (10 рӯзи корӣ) пас аз ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ муайян гардид.

---

[16] *Маълумоти иловагӣ: Ассотсиатсияи Байналмилалии Суғуртакунандагони Пасандозҳо (IADI) ташкилоти муътабари байналмилалӣ мебошад, ки он меъёру стандартҳои умумиро барои низомҳои суғуртакунандаи пасандозҳои мамлакатҳои ҷаҳон муқаррар мекунад.*

Хазина пас аз баромадани қарори суд, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар давоми 14 рӯзи санаи фарорасии ҳолати суғуртавӣ тибқи нақшаи амалҳо маҷмӯи чорабиниҳои омодагӣ андешида, сипас пардохти ҷубронпулиро ба пасандоздорон оғоз кунад. Ҳангоми маълумотдиҳӣ ба аҳолӣ низ дар маводҳои иттилоотӣ мӯҳлати мазкур нишон дода мешавад.

Тибқи Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазина басташуда, Бонки миллии Тоҷикистон баъди бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ раванди ҳамкорӣ ва мубодилаи маълумотро аз ҷониби мудири таъингардида бо Хазина ба таври зарурӣ таъмин менамояд, ки ин барои коркарди фаврӣ ва санҷиши амиқи феҳристи пасандоздорони суғурташуда тибқи талаботи Хазина басо муҳим мебошад.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки аз лаҳзаи бозхонди иҷозатнома то баромадани қарори суд оид ба барҳамдиҳии маҷбурӣ чун таҷриба аллакай аз 10 то 20 рӯз мегузарад, ки ин на он қадар ба фаврият ва саривақтии оғози пардохти ҷубронпулии суғурта мусоидат мекунад.

Дар ин асно, аз ҷониби мудири махсус (барҳамдиҳанда), ки бо қарори суд барои барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ таъин шудааст, ба Хазина расман феҳристи мувофиқашудаи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта бо шумораи умумии пасандоздорон ва маблағи умумии ҷубронпулӣ пешниҳод карда мешавад. Баъдан, бо қарорҳои Шурои нозирони Хазина нишондиҳандаҳои умумии феҳрист (маблағи ҷубронпулӣ ва шумораи пасандоздорон) ва бонк-агенти хизматрасон тасдиқ гардида, ба бонк-агент дар асоси созишномаи басташуда феҳристи мушаххаси пасандоздорон пешниҳод карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, оғоз намудани пардохти ҷубронпулӣ барои Хазина нисбатан душвор аст, зеро аз лаҳзаи таъини мудири махсус, ба кор шурӯъ намудани вай ва пешниҳоди феҳристи пасандоздорон ба Хазина, инчунин қабули қарори Шӯрои нозирони Хазина оид ба тасдиқи бонк-агент барои пардохти ҷубронпулии суғурта ва бастани шартномаи хизматрасонӣ бо бонк-агент, метавонад рӯзҳои бештар гузарад.

Умуман бояд қайд кард, ки амалӣ гардонидани пардохти ҷубронпулӣ тибқи “Нақшаи чорабиниҳо оид ба тартиби амалҳои Хазина ҳангоми ба

вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ” аз якчанд марҳила ва чорабиниҳои махсус иборат мебошад (ниг. ба ҷадвали зер).

## Чараёни амалӣ гардонидани пардохти ҷубронпулӣ

***1) Марҳилаи то барҳамхӯрии (бозхонди иҷозатномаи) ташкилоти қарзӣ.*** Марҳилаи асосии муқаррарӣ, ки дар он аз ҷониби Хазина тадбирҳо дар самти баҳисобгирии феҳристи пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ ва назорати иҷрои он мунтазам ба роҳ монда мешаванд;

***2) Марҳилаи то фаворасии ҳолати суғуртавӣ.*** Чорабиниҳо дар давраи ваколати мудири БМТ то санаи аз тарафи суд баромадани қарор оиди барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ ва таъин гардидани мудири махсус ё барҳамдиҳанда, ҷиҳати таҳлил ва тафтиш намудани лоиҳаи феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта дар асоси маълумоти ташкилоти қарзӣ;

***3) Марҳилаи то оғози пардохти ҷубронулии суғарта.*** Чорабиниҳои аз мудири махсус гирифтани феҳристи тасдиқшудаи пасандоздорони ташкилоти қарзӣ ба санаи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ва санҷиши он, барасмиятдарории созишнома байни Хазина ва мудири махсус оид ба ҳамкорӣ барои пардохти ҷубронпулии суғурта, даъвати ҷаласаи Шӯрои нозирони Хазина ҷиҳати ба расмиятдарории қарорҳо оиди пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда, интихоб ва тасдиқи бонк-агент барои пардохти ҷубронпулӣ. Бастани Созишнома бо бонк-агент оиди пардохти ҷубронпулӣ ва ба бонк-агент пешниҳод намудани феҳристи пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашуда. Чорабиниҳои эълони рӯз, ҷой, вакт, бонк-агент ва тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта;

***4) Марҳилаи то ба итмом расидани мӯҳлати раванди пардохти ҷубронпулӣ.*** Оғози пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашуда, мониторинг ва арзёбии раванди пардохти ҷубронпулӣ, қабул ва баррасии арзу муроҷиатҳои пасандоздорон оид ба масъалаҳои пардохти ҷубронпулии суғурта.

Ҳамаи марҳилаҳои болозикр аз тарафи Хазина бо таъмини фаъолияти фаъоли ташвиқотӣ ва иттилоотонии воситаҳои ахбори омма пеш бурда мешавад.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки таҷрибаи ба вуқуъ омадани ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина ва оғози пардохти ҷубронпулии суғурта нишон медиҳад, ки муҳлати миёнаи оғози пардохти ҷубронпулӣ 22 рӯзи тақвимӣ ё худ 15 рӯзи кориро баъд аз фарорасии ҳолати суғуртавӣ ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба критерияи Ассотсиатсияи IADI (АБСП) - 7 рӯзи корӣ, зиёд мебошад.

Аз ин рӯ, вобаста ба критерияи якум минбаъд баҳри таъмини фаврият ва саривақт оғоз намудани раванди пардохти ҷубронпулӣ, Хазинаро мебояд ҷиҳати соддатар гардонидани чорабиниҳои барои омодагӣ ба ҳолати суғуртавӣ андешидашаванда тадбирҳо андешид. Ин пеш аз ҳама дар Қонун ва санадҳои меъёрии Хазина ворид намудани тағйиру иловаҳои нав оиди ба таври равшану мушаххас дарҷ карда шудани муҳлатҳои оғози пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ва кам кардани муҳлати оғози пардохти ҷубронпулӣ то 7 рӯзи корӣ, инчунин ба хотири таъмини фаврият аз байн бурдани таҷрибаи бо даъвати Шӯрои нозирон ва қарорҳои он тасдиқ намудани маблағи пардохти ҷубронпулӣ ва бонк-агенти интихобшавандаро (зеро ки даъват ва гузаронидани ҷаласаи Шӯрои нозирон метавонад вақти зиёдро талаб намояд), пешбинӣ менамояд.

***2) Хазина ба пойгоҳи маълумотҳои дахлдор, аз ҷумла Феҳристи пасандоздорони ташкилотҳои қарзӣ дастрасӣ дорад ва имкониятҳои технологияҳои иттилоотиро (низоми дахлдори IT) ҷиҳати таъмини раванди пардохти ҷубронпулӣ дорад.***

Мутобиқи талаботи Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҳар як ташкилоти қарзии узви Хазина уҳдадор аст, ки баҳисобгирии пасандозҳои суғурташударо бо тартибе, ки Хазина муқаррар кардааст ва он ба ташкилоти қарзӣ имконияти гирифтани маълумоти пурраро дар бораи пардохти ҷубронпулии суғурта медиҳад, ба анҷом расонад.

Бо мақсади таъмини раванди босамари пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашуда, аз ҷониби Хазина Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ таҳия ва бо қарори Шӯрои нозирон қабул гардид. Тартиби мазкур шакли

ягонаи баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуаро дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина муқаррар намуда, маълумоти мутобиқи он омода гардида барои муайян намудан ва пардохти маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашуда асос мегардад.

Ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд, ки дар низоми автоматикунонии бонкии худ пешбурди Феҳристи дақиқи пасандоздоронро тибқи Тартиби мазкур ҷорӣ намоянд ва ҳар семоҳа, инчунин дар рӯзи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ Феҳристро ҷамъбаст кунанд. Назорати риояи талаботи Тартиби мазкур ҷиҳати саҳеҳу дуруст тартиб дода шудани Феҳристи пасандоздорон аз ҷониби Хазина тавассути санҷишҳои дар ташкилотҳои қарзӣ гузаронидашаванда ва таҳияи санади санҷишии мутобиқати тартибдиҳии Феҳристи пасандоздорон дар ташкилоти қарзӣ ба роҳ монда мешавад.

Бо вуҷуди ин, яке аз монеаҳои ба пардохти фаврӣ ва дурусти ҷубронпулӣ таъсиррасон ин таъмини дастарасии саривақтӣ ба феҳристи дақиқу саҳеҳи пасандоздорон ба шумор меравад. Ин аз як тараф бо мушкилиҳои зерини дар бархе аз ташкилотҳои қарзӣ ошкоршуда, алоқаманд аст:

- ба таври сифатнок ва дақиқ тибқи тартиби аз ҷониби Хазина муқарраршуда саривақт омода ва тартиб надодани Феҳристи пасандоздорони суғурташуда;

- пурра муайян нашудани мушаххасоти (идентификатсияи) пасандоздорон, таъмин нагардидани пуррагӣ ва дурустии вориди маълумот дар бораи пасандоздорон ба Феҳрист, аз он ҷумла оид ба мушаххасоти ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва рақами мушаххасоти андозсупоранда (РМА);

- автоматикунонӣ ва интегратсия карда нашудани Феҳристи пасандозҳои суғурташуда барои ҳисоб ва пардохти ҷубронпулӣ дар низоми автоматикунонидашудаи бонкӣ.

Хазина мутобиқи Тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ оид ба суғуртаи пасандозҳо, дар рафти санҷиши ташкилотҳои қарзӣ пайваста масъалаҳои пешбурди баҳисобгирии уҳдадориҳои онҳо дар назди пасандоздорон ва сатҳи тайёрии ташкилоти

қарзиро ҷиҳати саривақт тибқи тартиби муқарраршуда омода намудани Феҳристи уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорони суғурташуда, баррасӣ менамояд. Аз рӯи натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда ба роҳбарияти ташкилотҳои қарзӣ барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳои мушаххас дода мешавад.

Новобаста аз ин, таҷриба нишон медиҳанд, ки аз ҷониби на ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ барои ҳалли камбудиҳои ошкоршуда саривақт чораҷӯӣ карда мешавад, алалхусус ин ба талабот нисбати таҳияи Феҳристи пасандоздорони суғурташуда тибқи тартиби аз ҷониби Хазина муқаррраршуда дахл дорад.

Аз тарафи дигар, дар Хазина набудани шароиту имкониятҳои технологияҳои дахлдори идоракунии иттилоотӣ ва низоми худии автоматикунонидашудаи IT ҷиҳати таъмини коркарди маълумоти Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ оиди пасандоздорони суғурташуда ва муайян кардани маблағи пардохти ҷубронпулӣ низ яке аз масъалаҳои мубраму ҳалталаб ба ҳисоб меравад. Айни замон, Хазина Феҳристи пасандоздоронро, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба файли барномаи электронии Excel заркашӣ мегардад, тавассути барномаи нисбатан оддии таҳияи худӣ верификатсияи (санҷиши) онро бо талаботи Тартиби феҳристи пасандоздорон мегузаронад. Имкониятҳои барномаи мазкур маҳдуд буда, иқтидори он барои коркард намудани маълумотҳои шумораи зиёди пасандоздорон ва ошкор кардани хатогиҳо кофӣ нест.

Вобаста ба ин, аз рӯи критерияи дуюм Хазина дар Стратегияи худ ба нақша мегирад, ки дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои шарикони рушд, аз ҷумла дар доираи кӯмаки техникии пешбинишавандаи Бонки Ҷаҳонӣ барнома (низом)-и автоматикунонидашудаи пардохти ҷубронпулиро дар Хазина ташкил намуда, назорати раванди таҳия ва интегратсияи Феҳристи пасандоздоронро дар ташкилотҳои қарзӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина пурзӯр намояд.

***3) Хазина усулҳои гуногуни пардохти ҷубронпулиро ба пасандоздорон муҳайё ва пешкаш кардааст.***

Тибқи санадҳои меъёрии Хазина пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон метавонад ба таври нақдӣ ё ғайринақдӣ ва иловатан

электронӣ тариқи интиқоли маблағи ҷубронпулии суғурта ба суратҳисоб ва ё мушаххасоти электронии нишондодаи пасандоздор дар асоси аризаи хаттӣ ва ё электронии ӯ анҷом дода мешавад. Яъне, аз тарафи Хазина истифодаи усулҳои гуногуни пардохти ҷубронпулӣ тибқи санадҳои меъёрӣ пешбинӣ шудаанд.

Аз ҷумла, дар тағйиру иловаҳои охирин ба санадҳои меъёрӣ, Хазина ҷиҳати беҳтар намудани раванди пардохти ҷубронпулӣ механизми такмилдодашудаи муайян намудани мушаххасоти пасандоздоронро ворид намуд, ки он иловатан ба усулҳои мавҷудаи пардохти ҷубронпулӣ амалӣ намудани пардохти ҷубронпулиро тавассути пардохт (интиқол)-ҳои электронӣ пешбинӣ менамояд. Ворид намудани механизми мазкур имкон медиҳад, ки пардохти ҷубронпулӣ тавассути пардохтҳои электронӣ дар асоси дархости пасандоздорон фавран амалӣ карда шуда, он барои дастрасии бештари аҳолӣ, махсусан занон, маъюбон, гурӯҳҳои осебпазир, аҳолии деҳот ва минтақаҳои дурдаст шароит мусоид фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, аз ҷониби Хазина тадриҷан вусъат додани иқтидори худ ҷиҳати минбаъд мавриди амал ва истифода қарор дода шудани усули алтернативии воситаҳои электронии пардохтиро (бо назардошти верификатсия, идентификатсия, аутентификатсияи рақамӣ ва таъмини амнияти раванди он) дар мадди назар қарор дода хоҳад шуд. Ҳангоми таҳияи инфрасохтори мазкур бо IT-ширкатҳои ботаҷрибаи ватанӣ дар соҳаи пардохтҳои электронӣ ҳамкорӣ карда мешавад.

***4) Захираҳои молиявии (маблағи) Хазина барои пардохти ҷубронпулӣ кофианд ва дар ҳолати норасоии он механизми иловагии маблағгузории касри Хазина ҷиҳати пардохти саривақтии ҷубронпулии суғурта мавҷуд мебошад.***

Баҳри таъмини ҷуброни фаврии пасандоздорони суғурташуда захираҳои молиявии Хазина бояд кофӣ буда, дастрасии фаврӣ ба манбаҳои эътимодноки маблағгузорӣ ҳангоми ҷуброни пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда бояд фароҳам оварда шуда бошад.

Бо назардошти оне, ки баъд аз пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК "Агроинвестбонк" ва

ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” маблағи Хазина ба маротиб коҳиш ёфтааст, барқарор намудани маблағи Хазина то ба сатҳи лозима яке аз ҳадафҳои асосии Хазина ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, тавре аллакай дар Стратегияи мазкур зикр гардид, дар натиҷаи мулоқот ва гуфтушунидҳои Хазина бо ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ лоиҳаи кӯмаки нави техникӣ ба Хазина, ки яке аз компонентҳои он ҷудо намудани маблағ дар шакли грант бо мақсади пуркунии маблағи Хазина пешбинӣ мегардад, таҳия карда шудааст. Бинобар ин, Хазина дар ин самт вусъат додани ҳамкориҳоро бо Бонки Ҷаҳонӣ ба нақша мегирад.

Зикр намудан зарур аст, ки дар ҳолатҳои эҳтимолии бухронҳои системавӣ, яъне ҳангоми муфлисшавӣ ва барҳамхӯрии якчанд бонкҳои калон, ё умуман дар ҳолати ба вуҷуд омадани касри Хазина захираҳои молиявии Хазина барои пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон метавонад кофӣ набошад.

Моддаи 18-и Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҳангоми нарасидани маблағи Хазина муроҷиатро оид ба гирифтани қарз ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷуброни касри маблағҳои худ пешбинӣ менамояд.

Афзалияти роҳандозӣ ва зарурати дар шакли санади алоҳида ба тасвиб расонидани механизми маблағгузории касри Хазина, ки он барои пешгирии хавфи шиддатнокии иҷтимоӣ дар байни пасандоздорон ва аҳолӣ, таъмини эътимоднокӣ ва суботи молиявӣ муҳим мебошад, бевосита аз тарафи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (аз он ҷумла, Бонки Ҷаҳонӣ, Хазинаи Байналмилалии асъор, Бонки Осиёгии Рушд) низ дарҷ карда шудааст.

Ин дар навбати худ мавҷуд будани тартиби мушаххаси чунин механизмро тақозо менамояд, зеро дар ҳолатҳои бухрони шадиди молиявию бонкӣ хавфи муфлисшавии бонкҳои калон ва низомсоз зиёд гардида, захираи молиявии Хазина барои пардохт намудани маблағи ҷубронпулӣ ба пасандоздорон ва нигоҳ доштани суботи молиявӣ метавонанд кофӣ набошанд.

Вобаста ба ин, бо мақсади таъмини суботи молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ,

дар асоси қарори ҷаласаи Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2020, Вазорати молия, Хазина ва Бонки миллии Тоҷикистон вазифадор карда шуда буданд, ки лоиҳаи Тартиби амалӣ гардонидани механизми маблағгузории касри Хазинаро тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ омода ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Хазина дар ин самт дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникӣ “Оид ба баланд бардоштани сатҳи суғуртакунии пасандозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ ба Хазина дар давоми солҳои 2017-2019 расонида шуда буд, бо мушовирони Бонки Ҷаҳонӣ ҳамкорӣ намуда, дар натиҷа лоиҳаи ибтидоии Тартиби мазкур таҳия гардид. Лоиҳаи таҳияшуда дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молия бо назардошти тағйиру иловаҳо омода гардида, ба маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки дар натиҷа он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри с.2020, №622 Дар бораи Тартиби ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазина тасдиқ карда шуд.

Илова ба ин, Созишномаи қолабӣ байни Вазорати молияи ҶТ ва Хазина оид ба ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазина санаи 09.03.2022с. байни тарафҳои он ба имзо расонида шуд.

Қабул ва дар ҳолати зарурӣ амалӣ гардидани Тартиби мазкур барои ҷуброн намудани камомади (касри) маблағи Хазина ва таъмини устувории молиявии низоми суғуртаи пасандозҳо, пардохти саривақти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ва пешгирии хавфҳои системавӣ ва таъмини устувории низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита мусоидат хоҳад кард.

Дар баробари ин, тибқи моддаи 17-и Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” Хазина метавонад аз ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади рафъи касри Хазина ба андозаи дукаратаи пардохтҳои тақвимӣ супоридани пардохтҳои иловагии якдафъаинаро талаб намояд. Аммо, дар Қонуни мазкур ба ғайр аз муқаррароти асосӣ, тартиби мушаххаси он муайян нагардидааст. Аз ин лиҳоз, дар Стратегияи мазкур минбаъд таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии муқарраркунандаи тартибу шартҳои

супоридани пардохтҳои иловагии якдафъаина аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина бо мақсади рафъи касри Хазина ба нақша гирифта мешавад.

***5) Хазина банақшагирии амалҳоро дар ҳолатҳои фавқулода ва идоракунии буҳронӣ дорад.***

Яке аз критерияҳои ташкилоти босамари суғуртакунандаи пасандозҳо ин мавҷудияти механизми самараноки банақшагирии ҳолатҳои фавқулода ва идоракунии буҳрон мебошад, то ин ки он тавонад ба хавфи муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ ва дигар ҳолатҳои буҳронӣ саривақт ва дуруст вокуниш кунад.

Дар маҷмуъ, банақшагирии ҳолатҳои эҳтимолии фавқулода ҳамчун яке аз ҷузъҳои идоракунии умумии хавфи ташкилот раванди доимӣ буда, он тартибу амалҳои дохилиро дар ҳолатҳои ғайричашмдошт ва шокҳои бошиддат (аз ҷумла, бӯҳронҳои иқтисодию молиявӣ, хавфҳои амалиётӣ, вайроншавии низомҳои IT ва офатҳои табиӣ), ки метавонанд ба фаъолияти Хазина таъсири назаррас расонад, муайян менамояд. Банақшагирии амалҳои Хазина дар ҳолатҳои фавқулода самтҳои мухталифи зерини амалиётиро дошта, вобаста ба он норасогиҳои то ин замон дар Хазина мавҷудбуда мухтасар қайд карда мешаванд:

1. *Банақшагирии амалҳо ҷиҳати таъмини кифоятии маблағи Хазина ва механизми маблағгузории касри он.*

Ба ғайр аз маблағҳои мунтазам ба Хазина аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ воридшаванда, Хазина мебояд манбаҳои дигари эътимоднокро дар ҳолати касри маблағҳои худ дошта бошад. Тавре дар боло таҳлил карда шуд, дар Хазина механизми маблағгузории касри Хазина, ки бо Тартиби ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазина ва Созишномаи қолабии алоҳида танзим карда мешавад, аллакай муҳайё карда шудааст. Бо вуҷуди ин, бо мақсади таъмини фаврият дар амалӣ гардонидани механизми мазкур нақшаи мушаххаси муҳлати иҷрои уҳдадориҳои тарафҳои онро (Вазорати молия, БМТ ва Хазина) бояд таҳия ва барасмият дароварда шавад.

2. *Банақшагирии амалҳо ҷиҳати пардохти фаврии ҷубронпулӣ ҳангоми фарорасии ҳолати суғуртавӣ ва маблағгузории раванди батанзимдарории ташкилоти қарзӣ.*

Дар Хазина “Нақшаи чорабиниҳо оид ба тартиби амалҳои Хазина ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ” мавриди амал қарор дорад, аммо он умумӣ буда ҷараёни амалҳои Хазинаро батафсил баён намекунад.

Дар доираи лоиҳаи қаблии кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ “Дастур оиди нақши Хазина дар раванди батанзимдарории ташкилоти қарзӣ” таҳия гардидааст. Он маълумотро дар бораи раванди қабули қарорҳо ва тартибу қоидаҳои риоя кардашаванда ҳангоми иштироки Хазина дар раванди батанзимдарориро пешбинӣ менамояд. Ҳамзамон, на ҳамаи паҳлуҳои ҳолатҳои фавқулодда ва иштироки Хазина дар таҷдиди сохтори ташкилоти қарзӣ пай дар пай ба нақша гирифта шуда, бо Бонки миллии Тоҷикистон ҳамкориҳои дахлдори минбаъда дар самти батанзимдарорӣ мебояд вусъат дода шаванд.

Вобаста ба банақшагирии амалҳо дар идоракунии бухронҳои низом бояд зикр намуд, ки он одатан дар сатҳи низоми нигоҳдории суботи молиявӣ тавассути ҳамкориҳо дар доираи мақоми алоҳидаи байниидоравӣ ба роҳ монда мешаванд. Айни замон, Хазина ҳамчун узви Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баррасии масъалаҳои таъмини суботи молиявӣ, ошкор намудани хавфҳо дар низоми молиявӣ ва пешниҳоди тадбирҳо баҳри коҳиш додани хавфҳо дар Шӯрои мазкур доимо иштирок менамояд.

3. *Банақшагирии амалҳо дар раванди пешбурди фаъолияти иртиботӣ-иттилоотӣ (коммуникатсионӣ).*

Фаъолияти иттилотӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти умумии Хазина мебошад. Ташкили пешакии тартибу усулҳои коммуникатсия, лоиҳаҳои эълонҳо ва дигар ахборот, махсусан дар давраҳои бухронӣ ва ҳангоми омодагӣ ба ҳолатҳои суғуртавӣ метавонад раванди иттилоотиро самаранок гардонад. Дар ин ҷода, мақсади асосии Хазина ин тавассути фаъолияти самараноку саривақтии иттилоотӣ (бо истифода аз каналҳои

гуногун, аз ҷумла ВАО, саҳифаҳои иҷтимоӣ, сомона, колл-сентр ва ғайра) таҳкими эътимоди омма мебошад.

Дар ин самт, аз ҷониби Хазина тибқи Барномаи интишори маълумот барои оммаи васеъ каналҳои коммуникатсионӣ (телевизион, радио, нашрияҳои чопӣ, сомонаи Хазина ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар интернет, хати телефонии алоҳида (колл-сентр) барои қабули дархости пасандоздорон, инчунин маводҳои чопии таблиғотӣ) муайян ва пайваста истифода бурда мешаванд. Ҳамзамон, намунаҳои эълону ахбороти Хазина дар марҳилаҳои гуногуни ҳолати суғуртавӣ, аз лаҳзаи бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзии узви Хазина то раванди анҷоми пардохти ҷубронпулии суғурта, омода карда шудаанд.

Ғайр аз ин, дар доираи Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазина оид ба ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот низ тартиби ҳамкориҳо дар ҳолатҳои буҳронӣ ва мубодилаи иттилоот дарҷ гардида шудааст.

Новобаста аз ин, мебояд сиёсати алоҳидаи иртиботӣ-коммуникатсионии Хазинаро оид ба тартиби амалҳои Хазина дар ҳолати муқаррарии фаъолият, дар ҳолатҳои фавқулодда ва буҳронӣ бо назардошти банақшагирии амалҳои пай дар пайи Хазина дар раванди пешбурди фаъолияти иттилоотӣ (коммуникатсионӣ) тарҳрезӣ кард.

Дар маҷмуъ, дар Хазина дар самти банақшагирии ҳолатҳои фавқулодда ва идоракунии бӯҳронӣ бояд механизме ҷорӣ шуда бошад, ки он барпои раванди доимии омодагии Хазинаро бо назардошти гузаронидани машқҳои симулятсионӣ, стресс-тестҳо, инчунин таҳкими имкониятҳои техникӣ, молиявӣ ва инсонӣ дар назар дорад.

Бинобар ин, минбаъд ҳуҷҷат ва ё санади умумидохилии Хазина оиди банақшагирии ҳолатҳои фавқулодда ва идоракунии бӯҳронӣ, ки он амалиёт ва вазифаҳои дохилиидоравиро бо назардошти дарҷи мӯҳлат ва масъулин муайян менамояд, бояд таҳия карда шавад

***6) Хазина санҷиши раванди пардохти ҷубронпулиро аз тарафи аудитори мустақил ташкил ва таъмин менамояд.***

Тибқи критерияҳои IADI санҷиши махсус ё худ аудити мустақили раванди пардохти ҷубронпулӣ барои таъмини эътимоднокии Хазина,

дуруст мутобиқи талаботи қонунгузорӣ анҷом додани пардохти ҷубронпулӣ ва ҳисоби дақиқи пасандоздорон муҳим мебошад. Талаботи аудити раванди пардохти ҷубронпулӣ бояд дар санадҳои дохилии Хазина дарҷ шуда бошад. Дар ин самт минбаъд дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина дарҷ намудани амалияи мазкурро ба инобат гирифт.

***7) Созишномаҳо байни Хазина ва барҳамдиҳанда, инчунин бо бонк-агент баста шудаанд.***

Бо мақсади таъмини раванди фаврӣ ва босамари пардохти ҷубронпулӣ дар Хазина Тартиби ҳамкории Хазина бо бонк-агентҳо ҳангоми пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда ва намунаи Созишномаи агентӣ байни Хазина ва бонк-агент оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон мавриди амал қарор дорад.

Инчунин, намунаи Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Хазина ва мудири махсус (барҳамдиҳанда) вобаста ба масъалаи омодагӣ барои пардохти ҷубронпулии суғурта аз рӯи пасандозҳои суғурташуда, ки дар он масъалаҳои вобаста ба пешниҳоди Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулӣ аз тарафи мудири махсус ба Хазина, барои муайян кардани хатогиҳо ва фавран ворид намудани тағйирот ба феҳристи мазкур, таҳия ва қабул гардидаст. Бояд қайд намуд, ки айни замон, мутобиқи қонунгузорӣ мудири махсус (барҳамдиҳанда) танҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон ва суд ҳисоботдиҳанда аст. Бо назардошти таҷрибаи қаблии Хазина, ки тибқи он мудири махсус аз имзои чунин созишнома бо Хазина худдорӣ кардааст, минбаъд таклиф намудани пешниҳодҳо ҷиҳати дар Қонуни ҶТ “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” ворид намудани муқаррароти уҳдадоркунандаи мудири махсус (барҳамдиҳанда) оид ба ҳамкорӣ намудан бо Хазина яке аз чораҳо дар самти таъмини самаранокии раванди пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон арзёбӣ мегардад.

## §2. Идоракунии равандҳои дохилӣ-корпоративӣ

### 2.1. Таъмини устувории молиявии Хазина, идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ

Ноил гардидан ба мақсаду вазифаҳои Хазина бидуни таъмини устувории молиявии он ғайриимкон аст. Яке аз принсипҳои фаъолияти Хазина он аст, ки маблағҳои молиявии Хазина бояд дилхоҳ вақт ҳангоми фарорасии ҳолати суғуртавӣ барои таъмини пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон кофӣ бошанд. Принсипи мазкур ба муфлисшавии шумораи маҳдуди ташкилотҳои қарзӣ, ки маблағи Хазина барои пардохти ҷубронпулии пасандоздорони онҳо бояд расад, тааллуқ дорад.

Дар мавриди бӯҳронҳои системавии бонкӣ, ки одатан дар даҳсолаҳое як маротиба сар мезанад, агар шумораи зиёди бонкҳо дар як вақт муфлис шаванд, маблағи Хазина барои пардохти ҷубронпулӣ наметавонад кофӣ бошад. Хазина дар ин ҳолат мебояд бо имконияту механизмҳои захиравии (иловагии) молиявӣ муҳайё гардида бошад, зеро дар акси ҳол Хазина барои иҷрои вазифаи асосии худ бояд ки маблағи баробар ба ӯҳдадориҳои умумии суғуртавиро ҷамъоварӣ намояд, ки ин албатта масъалаи амалинашаванда буда, аз лиҳози иқтисодӣ асоснок нест. Тавре қаблан дар Стратегия зикр гардида буд (*ниг. ба саҳ.48, зербанди 4 Стратегия*), норасоии (касри) маблағи Хазина, ки эҳтимолан дар ҳолатҳои бӯҳронҳои системавӣ метавонад ба вуҷуд ояд, тавассути механизми захиравии ҷудо намудани қарз аз ҷониби Ҳукумати ҶТ рӯйпӯш карда мешавад.

Хазина баҳри таъмини иҷрои саривақтии вазифаҳои худ ба сатҳи кофии захира барои пардохти ҷубронпулии суғурта ниёз дорад. Ба ҳолати интиҳои соли 2022 маблағи Хазина нисбат ба ӯҳдадории умумии суғуртавӣ 7,4 фоизро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда то андозае кам мебошад (мисол, дар соли 2016 он 30,8 фоизро ташкил медод). Инчунин, андозаи ниҳоии маблағи Хазина, ки он тибқи Қонун дар сатҳи 7,0 фоизи ҳамаи пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ муқаррар карда шудааст, чӣ хеле ки дар таҳлили вазъи молиявии Хазина (*дар банди §3 боби 2 Стратегия*) зикр гардид, бинобар ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ду бонки собиқ низомсоз ва пардохтҳои амалишудаи ҷубронпулӣ, ба 2,0 фоиз расидааст (пеш аз ин 5,9 фоизро ташкил медод).

Бинобар ин, дар Стратегияи мазкур Хазина дар самти амалиётӣ тасмим мегирад, ки ба ҳадди дар Қонун муайяншудаи андозаи ниҳоӣ дар давраи татбиқи Стратегия наздик гардад, то ин ки билохир бо ноил

гардидани он аз ҷиҳати молиявӣ худтаъминшавӣ ва устувории худро таъмин намуда, барои нисбатан камтар намудани сарбории ташкилотҳои қарзӣ мусоидат намояд. Ин албатта маънои онро дорад, ки дар давраи Стратегия буҳронҳои системавии бонкӣ ва ё ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии аз лиҳози уҳдадорӣ бузург, ба вуқуъ намеоянд.

Ҳадафи амалиётии мазкур басо фарогир[17] буда, бидуни масъулиятнокии молиявӣ, идора ва банақшагирии дурусти молиявӣ, ҷалби маблағҳои иловагӣ, дарёфти сарчашмаҳои муътамад барои сармоягузорӣ, рушди бозори давлатии коғазҳои қиматнок ва умуман суботи молиявии низоми бонкӣ расидан ба он қариб ки номумкин аст.

Сарчашмаи асосии ташаккулёбии маблағҳои Хазинаро асосан пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ташкил медиҳад. Пешбинӣ мегардад, ки бо такмили қонунгузорӣ ҷиҳати васеъ намудани миқёси фарогирии низоми суғуртаи пасандозҳо ва ворид гардидани субъектҳои нави хоҷагидорӣ ба низоми суғуртаи пасандозҳо, дар баробари афзоиши пойгоҳи суғурташаванда маблағи пардохтҳои тақвимии ба суратҳисобҳои Хазина воридшаванда низ зиёд мегардад.

Инчунин интизорӣ меравад, ки маблағҳои Хазина мунтазам зиёд гардида, бо расидан ба ҳадди аксари он (7,0 фоиз) аз ҳисоби таъсири омили ҳаҷм[18] даромади Хазина аз фаъолияти сармоягузорӣ барои пӯшонидани тамоми хароҷоти амалиётӣ кифоягӣ менамояд.

Вобаста ба ин, ба ташаккули захира аз ҳисоби даромад аз сармоягузориҳо бояд диққати махсус зоҳир намуд, зеро то ба ин дам даромадҳои Хазина аз фаъолияти сармоягузорӣ ночиз мебошанд. Айни замон, сандуқи сармоягузории Хазина танҳо аз Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, набудани дастрасӣ ба дигар манбаҳои эътимодноки сармоягузорӣ ва инкишофи сусти бозори давлатии коғазҳои қиматнок ва бозори сармояи дохилӣ имкониятҳои сурмоягузориро маҳдуд менамоянд. Аз ин лиҳоз, Хазинаро минбаъд мебояд роҳҳои зиёд намудани самаранокии

[17] *Ба истилоҳи дигар: "амбициозный", "ambitious".*
[18] *Ба истилоҳи дигар: "'эффект масштаба", "economies of scale".*

сармоягузориро дарёфт намуда, дар ин самт бо шарикони асосӣ (БМТ, Вазорати молия) ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҳамкориҳоро вусъат бахшид.

Хазина дар самти таъмини устувории молиявӣ ҳамкориҳоро бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, алалхусус бо Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи тарҳрезишудаистодаи кӯмаки техникӣ “Оид ба рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусӣ дар Тоҷикистон”[19] вусъат медиҳад. Дар доираи лоиҳаи мазкур ба Хазина ҷудо намудани маблағ дар шакли гранти инвеститсионӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадди аксари маблағи Хазина пешбинӣ гардидааст. Хазина дар доираи имкониятҳои худ тамоми кӯшишҳоро баҳри татбиқ шудани барномаи лоиҳаи кӯмаки техникии мазкури Бонки Ҷаҳонӣ равона хоҳад кард.

Ғайр аз ин, яке аз масъалаҳои ҳалталаб, ки дар сурати ҳалли он бевосита ба устувории молиявии Хазина таъсири мусбӣ мерасонад, ин баргаштани маблағи Хазина аз раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад, зеро тибқи қонунгузорӣ ҳуқуқи талаби ҳамаи маблағҳо ва манфиатҳои пасандоздорон ба андозаи маблағи ҷубронпулии пардохтшуда ҳамчун суброгатсия ба Хазина вогузошта шуда, он аз ҷониби мудири махсус (барҳамдиҳанда) аз рӯи тартиби пешбинишуда бояд қонеъ гардонида шавад.

Ба интиҳои соли 2022 аз 18 ташкилоти қарзии барҳамдодашуда 6-тои он талаби Хазинаро иҷро намуданд. Ҳамзамон, аз ҷониби як ташкилот талаботи Хазина қисман ба андозаи баробар ба 8,9 фоизи ҷубронпулии ба пасандоздорони ин ташкилот пардохтшуда қонеъ карда шудааст. Дар маҷмуъ, маблағи аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ қонеъкардашуда ҳамагӣ 0,5 фоизи маблағи умумии ҷубронпулии аз ҷониби Хазина пардохтшударо ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои мазкур аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки раванди қонеъ гардонидани талаби Хазина ҳамчун қарздеҳ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда ғайриқаноатбахш буда,

[19] *Ниг. ба: World Bank, Tajikistan Financial and Private Sector Development Project (P177722, status as of the end 2022: pipeline).*

он ба таъмини устувории молиявии Хазина ва низоми суғуртаи пасандозҳо умуман мусоидат наменамояд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки мушкилӣ ва монеаҳои асосии ҳолати мазкур бо як қатор норасоиҳо дар қонунгузории амалкунандаи дахлдор, ки самаранокии раванди барҳамдиҳиро маҳдуд мекунад, алоқаманд аст. Аз ҷумла, мушкилии ба таври равшану возеҳ муайян нашудани тартиби қонеъ гардонидани талаботи Хазина дар Қонуни ҶТ “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ”, ки ба амалияи тафсири ихтилофноки он бар зарари Хазина овардааст, мушкилии дар тартиби қонеъ гардонидани талаботи қарздеҳон дар навбати поёнтар ҷойгир будани пасандоздорон, мушкилии шаффофият ва дастрасӣ ба маълумот аз мудири махсус (барҳамдиҳанда) оид ба раванди барҳамдиҳӣ, мушкилии назорати қатъӣ ҷиҳати суйистифода нагардидан ва дуруст иҷро намудани талаботи қарздеҳон тибқи тартиби дар қонунгузорӣ муайяншуда аз ҷониби мудири махсус ва ғайра.

Бинобар ин, Хазина дар ҳамкорӣ бо БМТ ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ) ҷиҳати тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ такмил додани қонунгузории амалкунанда дар самти таъмини шаффоф, дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзиро дар madди назари фаъолияти худ қарор медиҳад, ки дар навбати худ барои баланд гардидани сатҳи баркарорёбии талаботи Хазина аз рӯи маблағи ҷубронпулии пардохтшуда таъсири мусбӣ мерасонад.

Масъалаи оптимизатсия ва автоматикунонии равандҳои дохиликорӣ, инчунин бо технологияҳои иттилотӣ таъмин намудани он барои беҳгардонии раванди мутамарказонии маълумот, идоракунӣ ва нигоҳдории иттилоот аҳамияти калон дорад. Хазина дар ин самт кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки низомҳои IT-технологияи иттилоотии худро баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати амалиётҳо ва автоматикунонии он рушд диҳад. Ин пеш аз ҳама таъмин намудани раванди корӣ бо таҷҳизотҳои иловагии техникӣ, ба монанди таъминотҳои барномавӣ ва дастгоҳҳои серверии коркарди маълумот, бо назардошти таъмини амнияти иттилоотиро дар бар мегирад. Тасмим гирифта мешавад, ки дар солҳои амалӣ гаштани Стратегия онлайн-портали Хазина, ки барои мубодилаи

бехатари маълумот ва пешниҳоди ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ дар реҷаи вақти воқеӣ, инчунин беҳгардонии самаранокии раванди корӣ ва ҳамкориҳо бо ташкилотҳои қарзӣ хизмат мерасонад, таҳия ва ба истифода қарор дода шавад.

Дар Хазина айни замон механизму санади ягонаи дохилии корӣ ҷиҳати таъмини муттасилии равандҳои корӣ[20] дар ҳолатҳои пайдоиши ҳодисаҳои ногувору ғайричашмдошти хусусияти гуногундошта (техникӣ, қатъи барқ, аз кор мондани таҷҳизот, киберҳамлаҳо, офатҳои табиӣ, техногенӣ, омили инсонӣ ва ғайра), ки ба қатъи равандҳои асосии корӣ оварда мерасонанд, вуҷуд надорад. Самти мазкур асосан бо фаъолияти идоракунии хавфҳо ва технологияҳои иттилоотии ташкилот алоқамандӣ дошта, дар раванди аудити дохилӣ мавриди санҷиш қарор дода мешаванд. Бинобар дар сохтори ташкилии Хазина набудани воҳидҳои кории дахлдор, он ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Аз ин лиҳоз, дар Стратегия ба масъалаи таҳкими механизмҳои идоракунии хавфҳои Хазина, ба роҳмонии низоми назорати дохилӣ ва аудити ба хавф нигаронидашуда барои таъмини ҳамоҳангии фаъолияту амалиётҳои Хазина тибқи талаботи стратегияву санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад.

Ҳамзамон, яке аз масъалаҳои муассир дар идоракунии равандҳои дохилии Хазина ин надоштани бинои кории худӣ мебошад. Чунин вазъ ба самаранокии фаъолият ва мақому манзалати Хазина ҳамчун ташкилоти доимамалкунанда муносиб нест, зеро дар шароити муосир бинои дилхоҳ ташкилот ва мавқеи он яке аз ҷузъҳои муҳими фаъолияти босамар ва муаррифкунандаи он дар миёни ҷомеа, татбиқи услуби расмии корӣ ва фарҳанги хуби корпоративӣ ба ҳисоб рафта, дар навбати худ бевосита ҷиҳати барпо намудани эътибори мусбӣ ва муваффақи ташкилот мусоидат менамояд. Хазина тӯли солҳои фаъолияти худ дар иҷора нишаста, бинобар гарон будани нархи иҷора муҳайё кардани шароити ба талаботҳои меъёрҳои сифатӣ ва муосир (таъмини бехатарии иттилоот,

[20] *Ба истилоҳи байналмилалӣ: "Business Continuity Planning (BCP)"*

таъминоти автономӣ, қабули меҳмонон, ҳайатҳои корӣ, гузаронидани ҷаласа, мулоқот ва ё презентатсия) имконият намедиҳад.

Бинобар ин, масъалаи соҳиб гаштани бинои худии ба талаботҳо ҷавобгӯ ва кӯчонидани Хазина ба он бо назардошти таъмини муттасилии фаъолияту амалиётҳои доимӣ, дар раванди татбиқи Стратегия афзалиятнок ва муҳим арзёбӣ мегардад. Ин бевосита барои баланд бардоштани самаранокии раванди дохилии корӣ, ба мақом ва обрӯи Хазина ҳамчун ташкилоти эътимоднок, инчунин ба таассурот ва тасаввуроти аҳли ҷомеа нисбати Хазина ба таври мусбӣ мусоидат хоҳад кард.

**2.2. Такмили сохтори ташкилӣ ва тахассуси кормандони Хазина**

Дар шароити кунунӣ, бо назардошти расидан ба мақсаду ҳадафҳои дар пешистода, вазифаҳои Хазина дар таъмини суботи молиявии кишвар ва нақши он дар таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ зиёд мегардад. Бинобар ин, васеъ гардидани ваколатҳои Хазина ва таъмини иҷрои мутаносиби он минбаъд таҷдиди сохтори ташкилии Хазинаро, аз он ҷумла зиёд намудани ҳайати кормандонро тақозо менамояд.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ низ дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникӣ “Оид ба баланд бардоштани сатҳи суғуртакунии пасандозҳо” иқтидори Хазина нокифоя арзёбӣ карда шуда, ҷиҳати пурзӯр намудани он, ҷорӣ намудани рукнҳои идоракунии корпоративӣ ва идоракунии хавфҳо, ворид намудани тағйирот ба сохтори ташкилии Хазина тавсияҳо дода шуд.

Айни замон, дар Хазинаи 8 нафар мутахассис кор мекунад, ки ҳамаи онҳо дорои таҷрибаи ғанӣ дар низоми бонкӣ мебошанд. Хазина дар оянда ният дорад, ки шумораи кормандони худро мутобиқи вазифа ва ваколатҳои ба зиммааш гузоштащуда зиёд намояд.

Бо назардошти ин, яке аз масъалаҳои асосии пешистодаи Стратегия ин тадриҷан мукаммал намудани сохтори Хазина ва таъсиси воҳидҳои нави сохторӣ аз ҳисоби васеъ намудани ҳайати кормандони босалоҳият, пеш аз ҳама дар самти таҳлил ва идоракунии хавфҳо, идоракунии

дороиҳо, назорати дохилӣ, идоракунии захираҳои кадрӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ба ҳисоб меравад.

Хазина дар Стратегия ба сатҳу сифати захираҳои инсонӣ ва донишу малакаи мутахассиони ба кор ҷалбшаванда диққати ҷиддӣ хоҳад дод, зеро аз дараҷаи тахассус ва кордонии кормандон банақшагирии самараноки равандҳои корӣ ва иҷрои муваффақи вазифаҳо вобастагии зиёд дорад. Дар ин раванд, Хазина кӯшишҳои худро барои ҷалби мутахассисони ҷавону болаёқат, нигоҳ доштани кормандони корозмудаю пешқадами худ ва ҳавасмандгардонии онҳо равона менамояд.

Илова ба ин, Хазина ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди малакаи корию идоракунии кормандон, пешниҳоди барномаҳои таҷрибаомӯзӣ, семинару курсҳои омӯзишӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, инчунин дигар чорабиниҳои такмили ихтисоси кормандони худ кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Ҳамзамон, дар Хазина ба баланд бардоштани фарҳангу одоби корӣ ва этикаи корпоративӣ миёни кормандон бо риояи принсипҳои поквиҷдонӣ, касбият, бархӯрди манфиатҳо ва арзишҳои корӣ тибқи муқаррароти Кодекси одоби хизматӣ ва этикаи кории кормандон, инчунин Сиёсати Хазина оид ба бархӯрди манфиатҳо таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

## §3. Сиёсати иттилоотӣ

### 3.1. Вусъат додани корҳои таблиғоту ташвиқоти Хазина ва раванди иртибот бо ҷомеа оиди моҳияти суғуртаи амонату пасандозҳо

Иттилоотонӣ ва огоҳонии ҷомеа оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи пасандозҳо яке аз самтҳои асосии фаъолият ва вазифаҳои Хазина ҳамчун ниҳоди низомташкилкунанда ба ҳисоб меравад. Нигоҳдории боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ яке аз омилҳои рушди муътадили низоми молиявӣ-иқтисодӣ ба шумор меравад. Дар ин раванд, пайваста бурдани корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ ва маълумотдиҳӣ ба омма бевосита барои таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва ба ин васила ба низоми бонкӣ мусоидат менамояд, зеро агар

сатҳи огоҳии ҷомеа оид ба нақши низоми суғуртаи пасандозҳо, афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои он паст бошад, эҳтимолияти афзоиши нобоварии пасандоздорон нисбати бехатарии маблағҳои худ ва ташвишу майли онҳо барои яку якбора бозпас гирифтани пасандозҳо метавонад ба муътадилии вазъи ташкилоти қарзӣ ва билохир суботи молиявӣ пайомадҳои манфӣ дошта бошад.

Бо назардошти оне, ки низоми суғуртаи амонату пасандозҳо шумораи бештари пасандоздоронро (зиёда аз 98 фоиз) пурра ҳимоя менамояд, мизоҷон дар сурати доштани маълумоти пурра оид ба пардохти ҷубронпулӣ ва андозаи он, барои бозпас гирифтани пасандозҳо, ки он боиси бад гардидани ҳолати ташкилоти қарзӣ мегардад, майлу мароқи беҳуда зоҳир намекунанд. Барои таъмини самаранокии фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳо бағоят муҳим аст, ки ба аҳли ҷомеа ва бахусус пасандоздорон пайваста дар бораи афзалиятҳо ва хусусиятҳои суғуртаи пасандозҳо, аз ҷумла оид ба фаъолият, ваколат ва вазифаҳои Хазина, сатҳи фарогирии суғуртаи пасандозҳо, андозаи ҷубронпулӣ ва маблағгузории Хазина, интишори маълумоти дуруст ва дақиқ ба пасандоздорон ҳангоми фарорасии ҳолатҳои суғуртавӣ, тартиби пардохти ҷубронпулӣ, масъалаҳои шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ маълумоти муътамад ва кофӣ расонида шавад.

Тавре дар дар банди §5 боби 2 Стратегия зикр гардид, фаъолияти Хазина тӯли солҳои охир ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди корӣ дар самти пешбурди корҳои ташвиқотӣ ва иртибот бо ҷомеа, натиҷаҳои ҳадафрас дошт. Бо вуҷуди ин, қайд кардан зарур аст, ки сатҳи огоҳонӣ ва иттилоотнокии ҷомеа оид ба Хазина ва низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ҳоло ҳам ба таври лозима кофӣ нест.

Бинобар ин, самти мазкури фаъолиятро Хазина муҳим дониста, баҳри таъмини шафоффият дар доираи Стратегия минбаъд низ ривоҷу тақвият додани сиёсати иттилоотӣ – коммуникатсионии худро ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо сармашқи кори худ хоҳад намуд. Барои ин Хазина истифодаи мунтазам ва фаъоли каналҳои иртиботии худро, аз ҷумла тавассути ташкилотҳои қарзӣ, сомонаи расмӣ, шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ,

маркази тамос (колл-сентр) барои қабули дархости пасандоздорон, телевизион, радио, маҷаллаҳои чопӣ, инчунин маводҳои чопӣ, электронӣ ва видеоии таблиғотӣ, таҳким медиҳад.

Омодагии пешакӣ ва ба роҳмонии тартибу усулҳои коммуникатсия, лоиҳаҳои эълонҳо ва дигар ахборот, махсусан дар давраҳои бухронӣ ва ҳангоми омодагӣ ба ҳолатҳои суғуртавӣ метавонад раванди иттилоотиро самаранок гардонад. Вобаста ба ин, Хазина бо мақсади систематизатсиякунонии раванди мазкур тасмим мегирад, ки Сиёсати алоҳида ва мукаммали иттилоотиро (коммуникатсионӣ), ки дар он фаъолияти ташвиқотӣ, огоҳонӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ оид ба Хазина ва низоми суғуртаи пасандозҳо, инчунин тартиби амалҳои дахлдори Хазина дар ҳолати муқаррарии фаъолият, дар ҳолатҳои фавқулодда ва бухронӣ бо назардошти банақшагирии амалҳои пай дар пайи он тарҳрезӣ мешавад, таҳия ва қабул намояд.

Ҳамзамон, ба Қонуни соҳавӣ ворид карда шудани тағйиру иловаҳо вобаста ба муқаррар кардани андозаи ҷубронпулӣ бо ифодаи пулӣ барои пешбурди корҳои таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа, инчуни ба фаҳми аҳолӣ ба тарви самаранок расонидани андозаи ҷубронпулӣ бевосита мусоидат хоҳад кард. Зеро, андозаи ҷубронпулӣ набояд барои аҳолӣ (пасандоздорон, муштариён ва умуман иштирокчиёни низоми бонкӣ) душворфаҳм бошад, аммо бинобар дар таҳрири Қонуни қаблӣ бо “нишондиҳанда барои ҳисобҳо” муқаррар гардидан, он барои аҳолӣ начандон осонфаҳм буд ва ба Хазина дар раванди иртибот бо ҷомеа душворӣ ворид менамуд.

Дар самти такмили фаъолияти маркази тамоси (колл сентр) Хазина низ тадбирҳо ҷиҳати таъмини кори он дар реҷаи доимии 24/7 идома дода мешаванд. Инчунин, ворид намудани технологияҳои нави иттилоотӣ дар кори маркази тамос бо дастрасӣ ҳангоми зарурат ба Феҳристи пасандоздорон ҷиҳати дарёфти маълумот оид ба пасандоздорон, суғурта гардидани маблағи онҳо, ҷубронпулии ҳисобшуда, ҳолати пардохт ва усули пардохт ва ғайра, ки ба оператори маркази тамос имконияти коркард ва пешниҳоди маълумотро вобаста ба дархосту муроҷиатҳои пасандоздорон медиҳад, яке аз қадамҳои минбаъдаи он арзёбӣ мегардад.

Хазина дар доираи лоиҳаи тарҳрезишудаистодаи кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ “Оид ба рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусӣ дар Тоҷикистон”, ки яке аз зерқисматҳои он ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи низоми суғуртаи пасандозҳо нигаронида шудааст, ҳамкориҳоро бо Бонки Ҷаҳонӣ вусъат медиҳад. Дар доираи лоиҳаи мазкур гузаронидани назарсанҷии аҳолӣ аз рӯи аудиторияҳои гуногуни мақсаднок (сину сол, ҷинс, ҷойгиршавии географӣ) бо мақсади муайян намудани сатҳу дараҷаи дониш ва огоҳии ҷомеа оид ба Хазина ва низоми суғуртаи амонату пасандозҳо пешбинӣ шудааст.

## §4. Ҳамкориҳои самаранок

### 4.1. Беҳтар намудани ҳамкорӣ бо шарикони асосӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ

Хазина дар Стратегия принсипҳои ҳамкорӣ ва фарогириро пеша гирифта, бо такя ба меъёрҳои умда ва таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ идома ва рушди ҳамкориҳоро бо шарикони асосӣ, ташкилотҳои қарзӣ (бонк-агентҳо ва мудирони махсус), инчунин бо ташкилотҳои байналмилалӣ, бахусус АБСП (IADI), Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд ва ХБА ҳамчун яке аз ҳадафҳои калидӣ барои расидан ба мақсадҳои умумии худ ва баланд бардоштани эътибори Хазина самти муҳимми Стратегияро ташкил медиҳад.

Хазина пеш аз ҳама муносибатҳои қавии худро бо Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи ҶТ дар доираи талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда, аз ҷумла Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазина оид ба ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот, инчунин Созишномаи қолабӣ байни Вазорати молияи ҶТ ва Хазина оид ба ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазина идома хоҳад дод.

Хазина минбаъд низ тасмим мегирад, ки бо назардошти таъмини пурраи устувории молиявии худ ба аъзогии АБСП (IADI) шомил гардад ва семинари байналмилалиро дар мавзӯи низоми суғуртаи пасандозҳо ташкил намояд. Чорабинии мазкур ба таври назаррас эътибори Хазинаро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд хоҳад бардошт. Инчунин, Хазина кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳамкориҳои дуҷонибаро бо ташкилотҳои хориҷии

суғуртакунандагони пасандозҳо мустаҳкам намуда, дар ҷаласаҳо ва чорабиниҳои гуногуне, ки аз ҷониби Кумитаи минтақавии Авруосиёгии АБСП гузаронида мешавад, Ёддоштҳои тафоҳум оид ба ҳамкориро бо онҳо ба расмият дарорад.

Ҳамзамон, Хазина ҳамкориҳоро бо Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи тарҳрезишудаистодаи кӯмаки техникии рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусӣ дар Тоҷикистон вусъат медиҳад. Тавре зикр гардид, дар доираи лоиҳаи мазкур ба Хазина ҷудо намудани маблағ дар шакли гранти инвеститсионӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадди аксари маблағи Хазина, инчунин компонентҳои алоҳида оид ба ташкили низоми автоматикунонидашудаи пардохти ҷубронпулӣ дар Хазина ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи низоми суғуртаи пасандозҳо, пешбинӣ гардидаанд.

Лоиҳаи мазкур ба ислоҳоти бахши молиявӣ ва низоми суғуртаи амонату пасандозҳо нигаронида шуда, Хазина дар доираи имкониятҳои худ тамоми кӯшишҳоро баҳри татбиқ шудани барномаи лоиҳаи кӯмаки техникии мазкури Бонки Ҷаҳонӣ равона хоҳад кард.

Ғайр аз ин, Хазина тасмим мегирад, ки дар давраи татбиқи Стратегия бо ёрии ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ баҳодиҳии фаъолияти Хазинаро дар асоси усулҳо ва принсипҳои асосии АБСП (IADI) барои низомҳои самараноки суғуртакунии пасандозҳо гузаронад.

Хазина ба масъалаи дарёфти кӯмаки техникӣ ва дар ин ҷода муайян намудани самтҳои асосии ҳамкориҳо ва лоиҳаҳои имконпазир, аз он ҷумла дар самти дохил намудани такшилотҳои қарзии исломӣ ба низоми суғуртаи пасандозҳо, гузариши минбаъдаи Хазина ба низоми (усули) диффериансиалии ҳисобкунии андозаи пардохтҳои тақвимӣ, беҳтар намудани корҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ оид ба низоми суғуртаи пасандозҳо, идоракунии босамари дороиҳо ва рушди бозори коғазҳои қиматнок, баланд бардоштани сатҳи тайёрии касбӣ ва малакаи кории кормандони Хазина таваҷҷуҳи махсус зоҳир хоҳад кард.

## 4. ХАВФҲОИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ

Дар доираи самтҳои асосӣ ва ҳадафҳои пешбинишудаи Стратегия солҳои оянда мувофиқан зиёд гардидани масъулият ва вазифаҳои масъулини татбиқи онро тақозо намуда, барои Хазина солҳои пурмасъул хоҳанд гардид. Бо вуҷуди ин, бо сафарбар намудани имкониятҳои ҷойдошта ва фароҳам овардани кадрҳои муносиб, инфрасохтори зарурӣ ва дарки масъулияти онҳо барои ноил гардидани мақсаду биниши Хазина, ба ҳадафҳои дар Стратегия тарҳрезишудаи ноил шудан имконпазир мегардад.

Бо вуҷуди ин, хавфу омилҳои муайяне вуҷуд доранд, ки ба татбиқи пурраи ҳадафҳои Стратегия ва ё ба таъхир афтодани муҳлати иҷрои ҳадафҳои пешбинишуда метавонанд монеа шаванд. Аз ҷумла, гарчанде дар доираи амалишавии Стратегия пешбинӣ мегардад, ки ҳолати иқтисодиёт ва низоми бонкии мамлакат муътадил ва тадриҷан беҳтар хоҳад гашт, хавфи ба таври ғайричашмдошт сар задани буҳронҳои молиявӣ бар асари омилҳои берунаю геосиёсӣ дар ҷаҳон ва вобаста ба он ба буҳронҳои бонкӣ ва ё ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии аз лиҳози уҳдадорӣ бузург метавонад имконияту кӯшишҳои мавҷудаи Хазинаро ба худ ҷалб намояд.

Мувофиқ набудани захираҳои кадрии Хазина барои таъмини иҷрои вазифаҳои вогузошташуда ё ин ки аз кор рафтани кормандони калидии Хазина низ яке аз хавфҳои мазкур ба ҳисоб меравад.

Бо ин ё он сабаб тасдиқ нагардидани лоиҳаи тарҳрезишудаистодаи кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ “Оид ба рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусӣ дар Тоҷикистон” метавонад ба татбиқи муваффақи Стратегия таъсири назаррас намояд, зеро ба лоиҳаи мазкур дар Стратегия таваҷҷуҳи махсус дода шудааст.

Гарчанде ки ин гуна хавфҳо аз таҳти назорати умумии Хазина берунанд, Хазина пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки доираи фаъолияти худро ҷиҳати ба қадри имкон идора намудани хавфҳои болозикр назорат намуда, таъсири онҳо кам карда шаванд.

# 5. МАТРИТСАИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ ВА НАЗОРАТИ ИҶРОИ ОН

| Самтҳои асосӣ | № | Ҳадаф | Механизми татбиқ | Натиҷагирӣ | Мухлати иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. Суғуртаи пасандозҳо | **1.1** | **Тақвияти низоми суғуртаи пасандозҳо** | | | |
| | i. | Пурра суғурта намудани амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, соҳибкорони хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, инчунин суратҳисобҳои амонатии дархостшаванда | Назорати иҷрои Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ва санадҳои меъёрии Хазина | Васеъ гардидани миқёси фарогирии низоми суғуртаи пасандозҳо ва субъектҳои суғурташаванда | 2024-2029 |
| | ii. | Давра ба давра бо назардошти раванди рушди низомҳои бонкию молиявӣ ва иқтисодии кишвар аз нав дида баромадани андозаи ҷубронпулӣ<br><br>Зиёд намудани андозаи ҷубронпулии суғурта то 50 000 сомонӣ бо назардошти таъмини устувории молиявии Хазина | Гузаронидани таҳлилу баҳодиҳии амиқ<br><br>Ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина | Таъмини фаъолияти босамар ва муназзами низоми суғуртаи пасандозҳо<br><br>Таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2026-2029 |
| | iii. | Дохил намудани такшилотҳои қарзии исломӣ ба низоми суғуртаи пасандозҳо | Омӯзиши имкониятҳо дар ҳамкорӣ бо коршиносони байналмилалӣ дар асоси таҷрибаҳои пешқадам, муайян ва бартараф намудани монеаҳои дар қонунгузорӣ мавҷуда (моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ”), таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, баланд бардоштани омодагии Хазина ва савияи дониши кормандон | Барпои низоми суғуртаи амонату пасандозҳои исломӣ дар Тоҷикистон | 2024-2029 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | iv. | Шомил гардидани бонкҳои давлатӣ дар низоми суғуртаи пасандозҳо | Андешидани тадбирҳо барои омодабошӣ ҷиҳати дар ҳамкорӣ ва бо назардошти ташаббуси БМТ ва Вазорати молия муайян ва бартараф намудани монеаҳои дар қонунгузорӣ мавҷуда (моддаи 55 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”) | Шомил гардидани бонкҳои давлатӣ ба низоми суғуртаи пасандозҳо, фароҳам овардани шароити рақобати солиму баробар дар низоми бонкӣ | 2024-2029 |
| | v. | Гузариши аз низоми ягона ба низоми (усули) дифференсиалии ҳисобкунии андозаи пардохтҳои тақвимӣ | Дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон ҷалби кӯмаки техникии ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва омӯзишу таҳлили имкониятҳо, муайян намудани монеаҳои ҷойдошта ва қадамҳои мушаххаси минбаъда ҷиҳати гузариши Хазина ба низоми дифференсиалии ҳисобкунии андозаи пардохтҳои тақвимӣ | Баланд бардоштани масъулият ва ҳавасмандии ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати пеш бурдани фаъолияти камхавфи бонкӣ, мусоидат ба нигоҳдории суботи молиявӣ дар низоми бонкӣ | 2024-2029 |
| | **1.2** | **Таҳкими омодагӣ ба эҳтимолияти амалӣ гаштани ҳолатҳои суғуртавӣ ҷиҳати таъмини раванди самараноки пардохти ҷубронпулии суғурта** | | | |
| | i. | Таъмини фаврият ва саривақт оғоз намудани раванди пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон | Таҷдиди “Нақшаи чорабиниҳо оид ба тартиби амалҳои Хазина ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ” | Хазина пардохти ҷубронпулиро дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарини вақт оғоз менамояд | 2024 |
| | ii. | Ташкили низоми худии автоматикунонидашудаи IT ҷиҳати таъмини коркарди маълумоти Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ оиди пасандоздорони суғурташуда ва маблағи пардохти ҷубронпулӣ, назорати раванди таҳия ва интегратсияи Феҳристи пасандоздорон дар ташкилотҳои қарзӣ | Ҳамкории фаъол бо ташкилотҳои шарикони рушд, аз ҷумла дар доираи кӯмаки техникии пешбинишавандаи Бонки Ҷаҳонӣ ҷиҳати ташкили низоми автоматикунонидашудаи пардохти ҷубронпулӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина | Хазина ба пойгоҳи маълумотҳои дахлдор, аз ҷумла Феҳристи пасандоздорони ташкилотҳои қарзӣ дастрасӣ дорад ва имкониятҳои технологияҳои иттилоотиро барои таъмини пардохти ҷубронпулӣ дорад | 2024-2029 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | iii. | Амалӣ намудани пардохти ҷубронпулӣ тавассути пардохт (интиқол)-ҳои электронӣ | Ҳамкорӣ намудан бо IT ширкатҳои ботаҷрибаи ватанӣ дар соҳаи пардохтҳои электронӣ ҷиҳати таҳияи инфрасохтори он | Хазина усулҳои гуногуни пардохти ҷубронпулиро ба пасандоздорон муҳайё ва пешкаш кардааст, Имконияти фавран пардохт намудани ҷубронпулӣ тавассути воситаҳои электронӣ дар асоси дархости пасандоздорон | 2024-2027 |
| | iv. | Муайян ва мушаххас намудани тартибу шартҳои супоридани пардохтҳои иловагии якдафъаина аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина бо мақсади рафъи касри Хазина | Таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдори Хазина | Муҳайё гардидани механизми супоридани пардохтҳои иловагии якдафъаина аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина бо мақсади рафъи касри Хазина | 2025-2026 |
| | v. | Таҳия ва барасмият даровардани нақшаи мушаххаси муҳлати иҷрои ӯҳдадориҳо дар доираи механизми маблағгузории иловагии касри Хазина ҷиҳати пардохти фаврӣ ва саривақтии ҷубронпулии суғурта | Таҳияи лоиҳаи созишномаи сетарафа байни Вазорати молия, БМТ ва Хазина ва ё такмили Созишномаи қолабӣ байни Вазорати молияи ҶТ ва Хазина оид ба ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазина | Таъмини фаврият дар амалӣ гардонидани механизми маблағгузории касри Хазина | 2025-2026 |
| | vi. | Такмил додани нақшаи амалҳои Хазина ҷиҳати пардохти фаврии ҷубронпулӣ ҳангоми фарорасии ҳолати суғуртавӣ бо назардошти амалҳо ҳангоми норасоии маблағи Хазина<br><br>Ба нақша гирифтани ҳамаи паҳлуҳои ҳолатҳои фавқулодда ва иштироки Хазина дар таҷдиди сохтори ташкилоти қарзӣ | Вусъат додани ҳамкориҳои минбаъда бо Бонки миллии Тоҷикистон дар самти батанзимдарории ташкилотҳои қарзӣ<br><br>Дархости кӯмаки техникии ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ҷиҳати бароҳмонӣ ва таҳияи лоиҳаи санади умумидохилии Хазина оиди банақшагирии ҳолатҳои | Дар Хазина механизми босамари банақшагирии амалҳо дар ҳолатҳои фавқулодда ва идоракунии бӯҳронӣ ташкил карда шудааст | 2024-2026 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Таҳияи сиёсати алоҳидаи иртиботӣ-коммуникатсионии Хазина оид ба тартиби амалҳои Хазина дар ҳолати муқаррарии фаъолият, дар ҳолатҳои фавқулодда ва буҳронӣ | фавқулодда ва идоракунии бӯҳронӣ ва тасдиқи он аз тарафи Шӯрои нозирони Хазина | | |
| | vii. | Гузаронидани санҷиши махсус ё худ аудити мустақили раванди пардохти ҷубронпулӣ | Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина дарҷ намудани талаботи аудити раванди пардохти ҷубронпулӣ | Эътимоднокӣ ва масъулиятнокии Хазина таъмин шудааст | 2024-2025 |
| | viii. | Таклиф намудани пешниҳодҳо ҷиҳати дар қонунгузорӣ мушаххасан дарҷ гардидани ӯҳдадориии мудири махсус (барҳамдиҳанда) оид ба ҳамкорӣ намудан бо Хазина | Дар Қонуни ҶТ “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” ворид намудани муқаррароти дахлдор | Таъмини самаранокии раванди пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон | 2025-2026 |
| **2. Идоракунии равандҳои дохилӣ - корпоративӣ** | **2.1** | **Таъмини устувории молиявии Хазина, идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ** | | | |
| | i. | Ба ҳадди дар Қонун муайаншудаи андозаи ниҳоии маблаҕи Хазина (7,0%) наздик ва ноил гардидани Хазина | Идора ва банақшагирии дурусти молиявӣ, ҷалби маблаҕҳои иловагӣ, дарёфти сарчашмаҳои муътамад барои сармоягузорӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони асосӣ (БМТ, Вазорати молия) ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ | Таъмини устувории молиявии Хазина, худкифоягии маблаҕҳо ва камтар намудани сарбории ташкилотҳои қарзӣ | 2024-2029 |
| | ii. | Баланд намудани сатҳи баркарорёбӣ ва қонеъгардонии талаботи Хазина аз рӯи маблаҕи ҷубронпулии пардохтшуда | Дар ҳамкорӣ бо БМТ ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ) ҷиҳати тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ такмил додани қонунгузории амалкунанда дар самти таъмини шаффоф, дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ | Таъмини устувории молиявии Хазина, худкифоягии маблаҕҳо ва камтар намудани сарбории ташкилотҳои қарзӣ | 2024-2029 |
| | iii. | Оптимизатсия ва автоматикунонии равандҳои дохиликорӣ, рушди низомҳои IT-технологияи иттилоотӣ | Таъмин намудани Хазина бо таҷҳизотҳои техникӣ, ба монанди таъминотҳои барномавӣ ва | Таъмини устувории молиявии Хазина, худкифоягии маблаҕҳо ва | 2025-2029 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | дастгоҳҳои сервери коркарди маълумот | камтар намудани сарбории ташкилотҳои қарзӣ | |
| | iv. | Таҳия ва ба истифода қарор додани онлайн-портали Хазина барои мубодилаи бехатари маълумот ва пешниҳоди ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ дар реҷаи вақти воқеӣ | Ҳамкорӣ намудан бо IT ширкатҳои ботаҷрибаи ватанӣ | Бехгардонии самаранокии раванди корӣ ва ҳамкориҳо бо ташкилотҳои қарзӣ | 2025-2029 |
| | v. | Таҳкими механизмҳои идоракунии хавфҳои Хазина, ба роҳмонии низоми назорати дохилӣ ва аудити ба хавф нигаронидашуда | Таҳияи механизму санади ягонаи дохилии корӣ ҷиҳати таъмини муттасилии равандҳои корӣ (Buisness Continuity Process) | Таъмини ҳамоҳангии фаъолияту амалиётҳои Хазина тибқи талаботи стратегияву санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | 2024-2026 |
| | vi. | Соҳиб гаштани бинои корӣ худии Хазина, ки ба талаботҳо ҷавобгӯ мебошад ва кӯчонидани Хазина ба он | Дарёфти имкониятҳо ва таклифи пешниҳодҳои асоснок ба Шӯрои нозирони Хазина | Баланд бардоштани самаранокии раванди дохилии корӣ ва мақому манзалати Хазина | 2024-2025 |
| | **2.2** | **Такмили сохтори ташкилӣ ва тахассуси кормандони Хазина** | | | |
| | i. | Таҷдиди сохтори ташкилии Хазина, аз он ҷумла мукаммал намудани ҳайати кормандон дар самти таҳлил, идоракунии хавфҳо, назорати дохилӣ, идоракунии захираҳои кадрӣ ва технологияҳои иттилоотӣ | Ворид намудани тағйирот ба сохтори ташкилӣ ва ҷадвали вазифавӣ бо роҳи таклифи пешниҳодҳои асоснок ба Шӯрои нозирони Хазина, ҷалби мутахассисони ҷавону болаёқат бо роҳи гузаронидани озмун | Сохтори ташкилӣ ва потенсиали кории Хазина баланд карда шудааст | 2024 |
| | ii. | Фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди малакаи корию идоракунии кормандон | Пешниҳоди барномаҳои омӯзишӣ, семинару курсҳои омӯзишӣ-таҷрибавӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, инчунин дигар чорабиниҳои такмили ихтисоси кормандон | Такмили тахассуси кормандони Хазина | 2024-2029 |
| | iii. | Баланд бардоштани фарҳангу одоби корӣ ва этикаи корпоративӣ миёни кормандон | Ба роҳмонии назорат ҷиҳати риояи принсипҳо ва муқаррароти Кодекси одоби хизматӣ ва этикаи корӣ | Баланд бардоштани самаранокии раванди | 2024-2029 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | кормандон, инчунин Сиёсати Хазина оид ба бархӯрди манфиатҳо | дохилии корӣ ва мақому манзалати Хазина | |
| 3. Сиёсати иттилоотӣ | **3.1** | **Вусъат додани корҳои таблиғоту ташвиқоти Хазина ва раванди иртибот бо ҷомеа оиди моҳияти суғуртаи пасандозҳо** | | | |
| | i. | Ривоҷ ва тақвият додани сиёсати иттилоотӣ – коммуникатсионии Хазина ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи низоми суғуртаи пасандозҳо | Пешбурди мунтазам ва фаъоли корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ ва маълумотдиҳии омма оид ба Хазина ва низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, бахусус оид ба андозаи ҷубронпулӣ ва раванди пардохти он тавассути каналҳои иртиботӣ (ташкилотҳои қарзӣ, сомонаи расмӣ, шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ, маркази тамос (колл-сентр), телевизион, радио, маҷаллаҳои чопӣ, инчунин маводҳои чопӣ, электронӣ ва видеоии таблиғотӣ) | Таъмини самаранокии фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳо, таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо | 2024-2029 |
| | ii. | Таҳияи сиёсати алоҳидаи иртиботӣ-коммуникатсионии Хазина оид ба тартиби амалҳои Хазина дар ҳолати муқаррарии фаъолият, дар ҳолатҳои фавкулодда ва бухронӣ бо назардошти банақшагирии амалҳои пай дар пайи Хазина дар раванди пешбурди фаъолияти иттилоотӣ (коммуникатсионӣ) | Таҳияи лоиҳаи Сиёсати коммуникатсионии (иттилоотии) Хазина ва пешниҳоди он ба Шӯрои нозирон барои тасдиқ | Таъмини самаранокии раванди иттилоотӣ, ташкили пешакии тартибу усулҳои коммуникатсия, лоиҳаҳои эълонҳо ва дигар ахборот | 2025-2026 |
| | iii. | Такмили сомонаи расмии Хазина бо пешниҳоди маълумот ба забонҳои русӣ ва англисӣ | Тарҷумаи маълумот ва маводҳои сомона ба забони русӣ ва англисӣ | Таъмини самаранокии раванди иттилоотӣ тариқи паҳнкунии маълумот барои мизоҷони хориҷӣ | 2024 |
| | iv. | Такмили фаъолияти маркази тамоси (колл сентр) Хазина ва таъмини кори он дар реҷаи доимии 24/7 | Ворид намудани технологияҳои нави иттилоотӣ дар кори маркази тамос бо дастрасӣ ҳангоми зарурат ба | Таъмини самаранокии раванди иттилоотӣ, ташкили | 2024-2026 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Феҳристи пасандоздорон, ки ба оператори маркази тамос имконияти коркард ва пешниҳоди маълумотро фароҳам меоварад | пешакии тартибу усулҳои коммуникатсия | |
| | v. | Муайян намудани сатҳу дараҷаи дониш ва огоҳии ҷомеа оид ба Хазина ва низоми суғуртаи пасандозҳо | Гузаронидани назарсанҷии аҳолӣ аз рӯи аудиторияҳои гуногуни мақсаднок (сину сол, ҷинс, ҷойгиршавии географӣ) дар ҳамкорӣ ва дастгирии кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ | Баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи низоми суғуртаи пасандозҳо | 2025 |
| **4. Ҳамкориҳои самаранок** | **4.1** | **Беҳтар намудани ҳамкорӣ бо шарикони асосӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ** | | | |
| | i. | Рушди ҳамкориҳо бо шарикони асосӣ (БМТ, Вазорати молия), ташкилотҳои қарзӣ (бонк-агентҳо ва мудирони махсус), инчунин бо ташкилотҳои байналмилалӣ | Идома додани муносибатҳо дар доираи талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда | Расидан ба мақсадҳои умумӣ ва баланд бардоштани эътибори Хазина | 2024-2029 |
| | ii. | Бо назардошти таъмини пурраи устувории молиявӣ шомил гардидан ба аъзогии Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо (АБСП, IADI) | Таъмини устувории молиявии Хазина ва пешниҳоди дархост барои шомилгардӣ ба АБСП; ташкили семинари байналмилалӣ дар мавзӯи низоми суғуртаи пасандозҳо | Баланд гардидани эътибори Хазина дар арсаи ҷаҳонӣ, иштирок дар вохӯриҳо ё ҷорабиниҳои гуногуни АБСП | 2029 |
| | iii. | Таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба бо ташкилотҳои хориҷии суғуртакунандаи пасандозҳо | Бастани ёддоштҳои тафоҳум оид ба ҳамкорӣ бо ташкилотҳои хориҷии суғуртакунии пасандозҳо | Бароҳ монда шудани ҳамкориҳои самаранок ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ | 2024-2029 |
| | iv. | Вусъат додани ҳамкорӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи тарҳрезишудаистодаи кӯмаки техникии “Рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусӣ дар Тоҷикистон” | Равона намудани тамоми кӯшишҳо бахри татбиқ шудани барномаи лоиҳаи кӯмаки техникии мазкури Бонки Ҷаҳонӣ | Татбиқ гардидани ислоҳоти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо | 2024-2028 |
| | v. | Гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти Хазина дар асоси усулҳо ва принсипҳои | Гузаронидани баҳодиҳӣ тариқи дарёфти кӯмаки техникӣ ва ё | Таъмини самаранокии фаъолияти Хазина тибқи | 2027-2028 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | асосии АБСП барои низомҳои самараноки суғуртакунии пасандозҳо | машваратии ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ | таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ | |
| | vi. | Дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ баррасии имкониятҳои дохил намудани такшилотҳои қарзии исломӣ ба низоми суғуртаи пасандозҳо, гузариши минбаъдаи Хазина ба низоми (усули) дифференсиалии ҳисобкунии андозаи пардохтҳои тақвимӣ, идоракунии босамари дороиҳо, баланд бардоштани сатҳи тайёрии касбӣ ва малакаи кории кормандони Хазина | Муайян намудани самтҳои асосии ҳамкорӣ ва лоиҳаҳои имконпазир, дарёфти кӯмаки техникии ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ | Таъмини тақвияти низоми суғуртаи пасандозҳо дар Тоҷикистон | 2024-2029 |

## ЗАМИМА: Нишондиҳандаҳои асосии низоми суғуртаи пасандозҳо дар солҳои 2016 -2022

| Нишондиҳанда | Воҳид | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Миқдори ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина** | **адад** | **51** | **44** | **41** | **37** | **34** | **29** | **30** |
| **Ҳаҷми умумии пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ** | **млн.сомонӣ** | **5 550,0** | **4 821,4** | **4 619,2** | **4 872,0** | **5 338,1** | **5 366,9** | **8 081,0** |
| **Ҳаҷми пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ 2/** | **млн.сомонӣ** | **4 252,0** | **3 297,3** | **3 102,6** | **3 031,7** | **3 450,4** | **3 315,1** | **4 569,9** |
| аз он ҷумла бо пули миллӣ | фоиз | *18,3* | *32,8* | *34,2* | *40,5* | *43,6* | *57,7* | *66,4* |
| аз он ҷумла бо асъори хориҷӣ | фоиз | *81,7* | *67,2* | *65,8* | *59,5* | *56,4* | *42,3* | *33,6* |
| **Шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда** | **ҳаз.нафар** | **966,8** | **824,8** | **335,3** | **376,2** | **483,7** | **816,3** | **1 206,2** |
| Маблағи миёнаи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ | ҳаз.сомонӣ | 4,4 | 4,0 | 9,3 | 8,1 | 7,1 | 4,1 | 3,8 |
| | | | | | | | | |
| **Ҳаҷми пасандозҳо дар доираи андозаи ҷубронпулӣ (пурра ҷуброншаванда)** | **млн.сомонӣ** | **348,9** | **395,6** | **486,1** | **560,3** | **695,6** | **850,4** | **1 314,5** |
| Шумораи пасандоздорони маблағҳояшон пурра ҷуброншаванда | ҳаз.нафар | 931,6 | 795,6 | 313,2 | 356,0 | 463,6 | 798,8 | 1182,6 |
| Маблағи миёнаи пасандоздорони пурра ҷуброншаванда | ҳаз.сомонӣ | 0,4 | 0,5 | 1,6 | 1,6 | 1,5 | 1,1 | 1,1 |
| **Ҳаҷми пасандозҳо аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд** | **млн.сомонӣ** | **3 903,1** | **2 901,7** | **2 616,5** | **2 471,4** | **2 754,8** | **2 464,7** | **3 255,5** |
| Шумораи пасандоздорони маблағҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд | ҳаз.нафар | 35,2 | 29,2 | 22,0 | 20,3 | 20,2 | 17,6 | 23,6 |
| Маблағи миёнаи пасандоздорони аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд | ҳаз.сомонӣ | 110,8 | 99,5 | 118,8 | 122,0 | 136,7 | 140,4 | 137,8 |
| **Маблағи ҷуброни пасандозҳои аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд** | **млн.сомонӣ** | **493,2** | **510,5** | **494,4** | **489,6** | **507,1** | **499,8** | **697,0** |
| **Ҳаҷми уҳдадориҳои суғуртавии Хазина** | **млн.сомонӣ** | **842,2** | **906,1** | **980,5** | **1 049,8** | **1 202,6** | **1 350,2** | **2 011,4** |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нишондиҳандаҳои нисбӣ** | | *Нисбат ба ҳаҷми пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ:* | | | | | | |
| Ҳаҷми ухдадориҳои суғуртавии Хазина | фоиз | 19,8 | 27,5 | 31,6 | 34,6 | 34,9 | 40,7 | 44,0 |
| Ҳаҷми пасандозҳо дар доираи андозаи ҷубронпулӣ (пурра ҷуброншаванда) | фоиз | 8,2 | 12,0 | 15,7 | 18,5 | 20,2 | 25,7 | 28,8 |
| Ҳаҷми пасандозҳо аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд | фоиз | 91,8 | 88,0 | 84,3 | 81,5 | 79,8 | 74,3 | 71,2 |
| | | *Нисбат ба шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда:* | | | | | | |
| Шумораи пасандоздорони пурра ҷуброншаванда | фоиз | 96,4 | 96,5 | 93,4 | 94,6 | 95,8 | 97,8 | 98,0 |
| Шумораи пасандоздорони аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд | фоиз | 3,6 | 3,5 | 6,6 | 5,4 | 4,2 | 2,2 | 2,0 |
| | | | | | | | | |
| ***Таҷаммӯъи пасандозҳои суғурташуда:*** | | | | | | | | |
| Ҳиссаи бозории як ташкилоти қарзӣ бо ҳиссаи калонтарини пасандозҳо | фоиз | 30,6 | 26,1 | 23,6 | 20,6 | 19,0 | 23,5 | 25,4 |
| Ҳиссаи бозории ду ташкилоти қарзӣ бо ҳиссаҳои калонтарини пасандозҳо | фоиз | 59,8 | 45,8 | 40,1 | 37,1 | 36,2 | 38,2 | 39,0 |
| Ҳиссаи бозории чор ташкилоти қарзӣ бо ҳиссаҳои калонтарини пасандозҳо | фоиз | 82,9 | 76,4 | 68,3 | 62,3 | 59,6 | 66,7 | 61,3 |
| Ҳиссаи бозории шаш ташкилоти қарзӣ бо ҳиссаҳои калонтарини пасандозҳо | фоиз | 89,9 | 90,1 | 86,3 | 84,8 | 80,6 | 79,3 | 77,5 |
| | | | | | | | | |
| **Шумораи ҳолатҳои суғуртавӣ** | адад | 1 | 7 | 2 | 2 | 1 | 4 | 1 |
| Маблағи умумии ҷубронпулии пардохташуда | ҳаз.сомонӣ | 1 223,9 | 20 547,5 | 960,0 | 305,8 | 59,0 | 187 937,7 | 67,2 |
| Шумораи пасандоздороне, ки ба онҳо ҷубронпулӣ пардохт шудааст | нафар | 91 | 1 990 | 132 | 20 | 28 | 13074 | 3 |
| | | | | | | | | |
| **Андозаи ҷубронпулии суғуртавӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ 3/** | **н.б.ҳ.** | **350** | **350** | **500** | **500** | **500** | **500** | **500** |
| | **сомонӣ** | **14 000** | **17 500** | **25 000** | **27 500** | **29 000** | **30 000** | **32 000** |
| **Андозаи ҷубронпулии суғуртавӣ аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ** | **н.б.ҳ.** | **350** | **350** | **350** | **350** | **350** | **350** | **350** |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **сомонӣ** | **14 000** | **17 500** | **17 500** | **19 250** | **20 300** | **21 000** | **22 400** |
| **Андозаи пардохтҳои тақвимӣ аз рӯи ухдадориҳо бо пули миллӣ** | **семоҳа, бо фоиз** | **0,25** | **0,25** | **0,10** | **0,10** | **0,10** | **0,10** | **0,10** |
| **Андозаи пардохтҳои тақвимӣ аз рӯи ухдадориҳо бо асъори хориҷӣ** | | **0,25** | **0,25** | **0,30** | **0,30** | **0,30** | **0,30** | **0,30** |
| | | | | | | | | |
| **Пардохтҳои тақвимии пардохтшудаи ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина** | **млн.сомонӣ** | **25,3** | **18,9** | **18,5** | **15,1** | **16,2** | **20,9** | **26,7** |
| | | | | | | | | |
| **Дороиҳои Хазина** | **млн.сомонӣ** | **259,3** | **257,0** | **274,1** | **289,5** | **309,9** | **134,3** | **158,9** |
| Дороиҳои Хазина нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои шахсони воқеӣ | фоиз | 4,7 | 5,3 | 5,9 | 5,9 | 5,8 | 2,5 | 2,0 |
| Дороиҳои Хазина нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ | фоиз | 6,1 | 7,8 | 8,8 | 9,6 | 9,0 | 4,1 | 3,5 |
| Дороиҳои Хазина нисбат ба ухдадории суғуртавии Хазина | фоиз | 30,8 | 28,4 | 27,9 | 27,6 | 25,8 | 9,9 | 7,9 |

**ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе
Тел: +992 44 600 66 00
Email: info@idif.tj
Сомона: www.idif.tj